# АРТИШ – ҚУДРАТ, ШУҶОАТ ВА ШАҲОМАТ

ИНСОН, ҲУҚУҚ ВА ОЗОДИҲОИ Ӯ АРЗИШИ ОЛӢ МЕБОШАНД

МИНБАРИ ҲУҚУҚШИНОС

E-mail: law.tnu.tj@gmail.com

НАШРИЯИ ФАКУЛТЕТИ ҲУҚУҚШИНОСИИ ДМТ **** № 1-2 (193-194) 22-ЮМИ ФЕВРАЛИ СОЛИ 2024, ЧОРШАНБЕ




Қувваҳои Мусаллаҳи Тоҷикистон зодаи даврони истиқлол ва яке аз дастовардҳои муҳимтарини он ба ҳисоб рафта, аз рӯзҳои аввали таъсисёбӣ вазифаҳои муқаддасу пуршараф – ҳимояи соҳибихтиёрии давлат, таъмин намудани сулҳу субот, ҳифзи амнияти давлат ва ҷомеа ба дӯши онҳо гузошта шуданд.

Дар ин лаҳзаҳои идона мо метавонем бо ифтихору қаноатмандӣ изҳор намоем, ки хизматчиёни ҳарбии Қувваҳои Мусаллаҳ дар даврaҳои бисёр ҳассоси таърихи давлат ва халқи тоҷик аз уҳдаи иҷрои рисолати таърихии худ ҷавонмардонаву сарбаландона баромаданд ва ба эътимоду эҳтироми мардуми Тоҷикистон сазовор гардиданд.

Бовар дорам, ки ҳайати шахсии Қувваҳои Мусаллаҳи мамлакат минбаъд низ рисолати муқаддас ва қарзи ҷавонмардии худ – ҳифзи амнияти давлату ҷомеа, зиндагии осоишта ва заҳмати созандаи мардуми Тоҷикистонро бо интизоми намунавӣ, донишу малакаи муосир, рӯҳияи баланди ватандӯстӣ, иродаи мустаҳкам, садоқат ба Ватан, давлат, халқи мамлакат ва касби бошарафи хеш сарбаландона иҷро менамояд.

Ман ба далериву шуҷоат, ҳисси баланди миллӣ ва эҳсоси гарми ватандӯстиву ватанпарастии афсарону сарбозони боназангу номуси Ватан бовар дорам ва бо онҳо ифтихор мекунам.

Бо эътимоди комил иброз медорам, ки афсарону сарбозони шуҷои Қувваҳои Мусаллаҳ ба савганди ҳарбии хеш минбаъд низ содиқ мемонанд, рисолати фарзандии худро дар назди Ватан, миллат ва давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон ҷавонмардона иҷро мекунанд ва ҳифзи истиқлолу озодии сарзамини аҷдодӣ, амният ва суботу оромии ҷомеаро бо ҳушёриву зиракӣ ва дар сатҳи баланди касбӣ таъмин мекунанд.

Эмомалӣ РАҲМОН

МИНБАРИ ҲУҚУҚШИНОС

**Муассис:**
Факултети ҳуқуқшиносии ДМТ
www.law.tnu.tj

**Сармуҳаррир:**
Миралӣ СОБИРОВ
www.law.tnu.tj@gmail.com

**Муовини сармуҳаррир:**
Азимҷон ҶУРАЕВ
**Муҳаррир:**
**Яқуб ҲАКИМОВ**
**Тарроҳ:**
Акмал Шарипов

**ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:**
**Мирзозода П.З.**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, декани факултети ҳуқуқшиносӣ;
**Сафарзода Б.А.**
профессори кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавӣ;
**Маҳмудов И.Т.**
мудири кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурорӣ;
**Раҳимзода М.С.**
муовини декан оид ба илм ва инноватсия;
**Сулаймонов Ф.С.**
дотсенти кафедраи ҳуқуқи байналмилалӣ.

**ҲАЙАТИ МУШОВАРА:**
**Насриддинзода Э.С.**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, узви вобастаи АМИТ, ректори ДМТ.
**Ватанзода М.М.**
Муовини аввали раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии ҶТ.
**Раҳмон Д.С.**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, ректори ДДК ба номи А. Рӯдакӣ.
**Маҳмудзода М.А.**
профессори кафедраи ҳуқуқи граждании, академики АМИТ.
**Раҳимзода М.З.**
профессори кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорат, узви вобастаи АМИТ.

**ШАРТҲОИ ҚАБУЛИ МАВОД:**
Дастнавис қабул карда намешавад.
Мавод бояд бо ҳуруфи Times New Roman Tj 14 ҳуруфчинӣ шуда бошад.
Рӯзнома на ба ҳамаи андешаи муаллифон мувофиқ аст ва ақоиди мухталифро ба хотири риояи чандандешӣ ба табъ мерасонад.
Рӯзнома дар Вазорати фарҳанги ҶТ таҳти №0336/рз аз 18-уми марти соли 2016 ба қайд гирифта шудааст.

Нишонии идора: ш. Душанбе, Буни Ҳисорак, шаҳраки Донишҷӯён, факултети ҳуқуқшиносии ДМТ.
Телефон: (+992) 918-15-05-05
(+992) 988-15-73-73
Теъдод: 1000
Навбатдори шумора:
**Шерзода Бурхоналӣ**

# ТАҒЙИРОТИ КАДРӢ

Боиси ифтихору сарбаландист, ки давоми солҳои Истиқлоли давлатӣ Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба як маркази бонуфузи омодасозии кадрҳои лаёқатманд ва ҳайати роҳбарикунанда табдил ёфтааст. Дастпарварони ин боргоҳи муқаддас имрӯз дар вазифаҳои гуногуни давлатӣ кору фаъолият намуда, барои пешрафти



соҳаҳои мухталифи ҳаёти давлативу ҷамъиятӣ хизмати содиқонаву софдилона намуда истодаанд.

Дар ин асно, санаи 16-уми январи соли 2024 бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Насриддинзода Эмомалӣ Сайфиддин ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон таъйин гардид. Ҳамчунин дар санаи мазкур бо амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дотсенти кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии ДМТ Саидзода Исфандиёр Искандар ба вазифаи мушовири калони бахши ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ ва дотсенти кафедраи ҳуқуқи байналмилалӣ Саидзода



Ҳикматулло ба вазифаи сардори раёсати таҳсилоти олии касбӣ ва баъдидипломии вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон таъйин гардиданд.

Аз ин хотир идораи рӯзномаи «Минбари ҳуқуқшинос», устодону кормандон ва донишҷӯёни факултети ҳуқуқшиносӣ Насриддинзода Э.С., Саидзода И.И. ва Саидзода Ҳ.-ро ба муносибати таъйин гардиданашон ба ин вазифаҳои пурмасъул аз самими қалб муборакбод намуда, ба онҳо дар фаъолияти минбаъдаашон суруру комёбиҳои беканорро таманно менамоянд.



# ҶАЛАСАИ ШУРОИ САРПАРАСТОН ДАР ФАКУЛТЕТ



Дар замони муосир тарбия яке аз унсури калидии раванди таҳсилот маҳсуб меёбад. Аз ин рӯ, бо мақсади дуруст ба роҳ мондани раванди таълим ва тарбия дар сохтори муассисаҳои таълимӣ ниҳодҳои гуногуни тарбиявӣ таъсис дода шудааст, ки яке аз онҳо Шурои сарпарастон (кураторон) мебошад.

Ҳамин тариқ, санаи 18-уми январи соли равон тибқи нақшаи корӣ ҷаласаи навбатии Шурои сарпарастони гурӯҳҳои академӣ дар факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон баргузор гардид.

Дар кори он декани факултети ҳуқуқшиносӣ, н.и.х., дотсент Мирзозода П.З., раиси Шурои сарпарастон ва сарпарастони гурӯҳҳои академӣ иштирок намуда, масъалаҳои муҳимми бахш мавриди баррасӣ қарор дода шуд.

Дар хотима, вобаста ба масъалаҳои рӯзномаи ҷаласа аз ҷониби ҳайати Шуро қарорҳои дахлдор қабул карда шуд, ки барои иҷрои босифат ва саривақтии онҳо тамоми имкониятҳои мавҷуда сафарбар хоҳад шуд.

# ҲИМОЯИ РИСОЛАИ НОМЗАДӢ МУБОРАК БОД!

Факултети ҳуқуқшиносӣ ҳамчун кохи бузурги донишу хирад дар тарбия намудани ҳуқуқшиносони варзида ва кадрҳои баландихтисос нақши босазо дорад.



Хурсандиовар аст, ки теъдоди устодони унвондор дар факулет рӯз аз рӯз ба маротиб зиёд гардида, онҳо пайваста бо унвонҳову дастовардҳои илмӣ сарфароз гардонида мешаванд ва ба ин васила хазинаи илмии мамлакатро бою ғанӣ мегардонанд.

Дар асоси гуфтаҳои боло зикр санаи 30-юми декабри соли 2023 ассистенти кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурорӣ Негматов Б.С. дар мавзуи “Тартиби соддакардашудаи пешбурди тафтиши судӣ дар мурофиаи ҷиноятӣ” ва ассистенти кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсия Шарифзода Р.Ф. дар мавзуи “Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои дар хатар монондан мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон” рисолаҳои номзадии худро сарбаландона дифоъ намуданд.

Аз ин рӯ, садорат, ҳайати устодону кормандон, донишҷӯён ва идораи рӯзномаи “Минбари ҳуқуқшинос” Негматов Б.С. ва Шарифзода Р.Ф.-ро ба ин дастовардашон аз самими қалб муборакбодӣ намуда, ба онҳо рӯзгори хушу осуда ва фатҳи қуллаҳои нави илмиву эҷодиро бахри пешбари илми тоҷик таманно менамоянд.



# МАЪРИФАТИ ҲУҚУҚИИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ

Тахти ин унвон нимаи аввали рӯзи 23-юми феврали соли ҷорӣ дар факултети ҳуқуқшиносии ДМТ бахшида ба 31-умин солгарди Артиши миллии ҶТ семинари илмӣ-назариявии устодони кафедраи ҳуқуқи байналмилалӣ баргузор гардид.

Дар кори он роҳбарияти факултет, устодону кормандон, олимони соҳа, ва аспирантону унвонҷӯён иштирок доштанд.

Декани факултети ҳуқуқшиносии ДМТ, д.и.х., профессор Мирзозода П.З. зимни ироаи аввалсухани худ нахуст ҳузури муборакӣ меҳмонон ва аҳли нишастро хайру мақдам гуфта, сипас ба аҳамият ва зарурияти мавзӯи матраҳшаванда, ишора намуданд ва ба масъулин барои гузаронидани чунин ҳамоиши илмии сатҳи баланд изҳори сипосу миннатдорӣ намуданд.

Сипас аз рӯйи барномаи кории ҳамоиши илмии мазкур баромадкунандаҳо оид ба паҳлуҳои гуногуни мавзуъҳои худ маърӯзаҳо қироат карданд.



# ҶОНИБДОРӢ АЗ СИЁСАТИ ВАРЗИШПАРВАРОНАИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ

Санаи 21.02.2024 бо ташаббуси Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе ҷиҳати ҷонибдорӣ аз пешниҳоди Президенти Ассотсиатсияи Футболи Осиёи Марказӣ (CAFA), Президенти Федератсияи футболи Тоҷикистон мухтарам Рустами Эмомалӣ вобаста ба эълони Рӯзи ҷаҳонии футбол Ҳамоиши ҷавонону варзишгарон ва сокинони пойтахт баргузор гардид. Дар ин чорабинии пуршукӯҳ дар баробари намояндагони сохторҳои гуногуни кишвар ҳайати устодону кормандони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, таҳти роҳбарии ректори донишгоҳ, профессор Насриддинзода Э.С. иштирок намуданд.

Таъкид бояд кард, ки пазируфтани Рӯзи ҷаҳонии футбол аз ҷониби СММ даррушди робитаҳо ва тарғиби дастовардҳои соҳаи варзиш мусоидат намуда, яке аз муҳимтарин рӯйдодҳои таърихӣ дар соҳаи варзиш ба ҳисоб хоҳад рафт.



# ВОХӮРӢ БО ВОЛИДАЙНИ ДОНИШҶӮЁН



Санаи 27.01.2024 ректори ДМТ, профессор Насриддинзода Э.С. бо волидайни донишҷӯёни факултети ҳуқуқшиносӣ ва дигар факултетҳо вохӯрии судманд намуданд.

Ректори донишгоҳ зимни суханрониҳояш аз имтиёзҳое, ки Донишгоҳи миллӣ ба донишҷӯён додааст, ёдовар шуда, аз волидайн даъват ба амал овард, ки ҳамкориро бо донишгоҳ таҳким бахшида, дар тарбияи ҷавонони саодатманду донишманд мусоидат намоянд. «Дар натиҷаи алоқамандии зич байни устодон ва волидайн сатҳи таълиму тарбияи донишҷӯён баланд мегардад”- афзуд ректори донишгоҳ.

Дар идомаи ҷаласаҳо дар самти татбиқи сиёсати Ҳукумати мамлакат дар ҷодаи таълиму тарбияи фарзандон, боло бурдани сатҳи маърифатнокии ҷавонон, таъмини иштироки фаъолонаи фарзандон дар дарсҳо ва дар ҳаёти ҷамъиятӣ, фарҳангӣ, тарбияи фарзанд дар руҳияи худшиносии миллӣ, меҳанпарастӣ ва арҷгузорӣ ба арзишҳои миллӣ, андешаҳои ҷолиб баён шуданд.



# МАЪРИФАТИ ҲУҚУҚӢ ВА НАҚШИ ОН ДАР ТАШАККУЛИ ШАХСИЯТИ НАВРАСОН



Таърихи 16 феврали соли 2024 дар толори Муассисаи давлатии таълимии “Литсей барои хонандагони болаёқат” дар шаҳри Душанбе ба ифтихори эълон гардидани соли 2024 ҳамчун “Соли маърифати ҳуқуқӣ” бо иштироки Маҳмудов Изатулло Тешаевич – номзади илмҳои ҳуқуқ, дотсент, мудири кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурории факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Файзуллозода Илҳом Файзулло – полковники милитсия Сардори шӯъбаи корҳои дохилии Сино 1, Раҷабзода Маҳмадризо Раҷабалӣ – майори милитсия Сардори шуъбачаи огоҳонӣ ва пешгирии ҳуқуқвайронкунии байни ноболиғону ҷавонони шуъбаи корҳои дохила дар ноҳияи Синои шаҳри Душанбе, Шоҳиён Абдулло – подполковники милитсия, Саидов Абдуханон Абдуғаффорович – сардори гурӯҳи ҷавонони Авангард дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо омӯзгорону хонандагон вохӯрии судманд баргузор гардид.

Зимни баргузории ҳамоиши мазкур баромадкунандагон оид ба мубрамияти мавзуи мазкур ва паҳлуҳои гуногуни он изҳори андеша намуданд. Қайд гардид, ки эълон гардидани соли “Маърифати ҳуқуқӣ” ин бахри боло бурдани сатҳу сифати тарбияи наврасону ҷавонон, ташаккули маърифати ҳуқуқӣ, ҳисси худшиносии миллӣ, ватандӯстиву ватанпарастӣ ва инсонпарварии онҳо заминаи хуберо фароҳам меорад.

# МАЪРИФАТИ ҲУҚУҚИИ АҲОЛӢ – ОМИЛИ ТАШАККУЛ ВА ИНКИШОФИ ДАВЛАТИ ҲУҚУҚБУНЁДИ ДЕМОКРАТӢ



Тахти ин унвон дар пояи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллӣ ҳамоиши илмию назариявӣ баргузор гардид. Ҳамоиш бо сухани муқаддимавии муовини ректор оид ба илм ва инноватсия Сафармамадзода С.М. оғоз ёфт.

Дар нишаст аз ҷониби мутахассисон гуфта шуд, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити имрӯза марҳилаи нави тараққиёт ва пешрафтро паси сар карда истодааст, ки бо назардошти ин муносибатҳои нави ҷамъиятӣ, пеш аз ҳама, ба танзими ҳуқуқӣ ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандон эҳтиёҷ дорад. Аз ин ҷост, ки тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз самтҳои муҳимми сиёсати пешгирифтаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор рафта, асоси бунёди ҷомеаи шаҳрвандиро ташкил медиҳад, ки он аз Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон сарчашма мегирад.

Зикр карда шуд, ки ҳар як фарди ҷомеа бояд зарурати риояи бечунучарои қонунро амиқ дарк намояд ва итоат ба қонун бояд ба одати ҳар як шаҳрванд табдил ёбад.

# ИФТИХОР



Ҳамасола донишҷӯёни факултети ҳуқуқшиносӣ дар мусобиқаҳои байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ дар риштаҳои гуногуни варзиш сазовори ҷойҳои ифтихорӣ мегарданд.

Таърихи 10 феврали соли 2024 донишҷӯи курси 2 факултети ҳуқуқшиносӣ Ғаниев Мусохон дар мусобиқаи кушоди шаҳри Душанбе оид ба гуштини миллӣ байни ҷавонон иштирок намуда, дар натиҷа ҷойи аввалро ба даст овард.

Садорати факултет ва идораи рӯзномаи «Минбари ҳуқуқшинос» Ғаниев Мусохонро бо ин дастовардаш табрик намуда, ба ӯ дар ҷодаи варзиш фатҳи қуллаҳои баландро орзу менамоянд.

*Ба ҳамагон маълум аст, ки ҷомеаи мо дар ҳолати худшиносии миллӣ қарор дорад. Бинобар ин, густариш додани худшиносиву ватандории шаҳрвандон, баланд бардоштани маърифати сиёсӣ ва ҳуқуқии онҳо яке аз ҳадафҳои асосии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Дар ин хусус муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон – Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ чунин ибрози андеша намуданд: «Вазифаи имониву муқаддаси ҳар як фарди бонангу номуси миллат - аз шаҳрванди одӣ то корманди баландпояи мақомоти давлатӣ таблиғи бедории миллӣ, зиракию ҳушёрии сиёсӣ, ҳисси баланди ифтихори ватандориву ватандӯстӣ, густариши ғояҳои худогоҳиву худшиносии миллӣ ва муҳимтар аз ҳама, таҳкими ваҳдати миллӣ мебошад».*



Шукрулло ҒАЮРЗОДА
Мудири кафедраи ҳуқуқи маданӣ

# БАЪЗЕ МАСЪАЛАҲО ДАР СОҲАИ ТАРБИЯИ ВАТАНДӮСТИИ ШАҲРВАНДОН

Чи тавре ки аз қисми якуми моддаи 10 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон» аз 24. 12 соли 2022, № 1920, бармеояд, ҳадафи танзими ҳуқуқии муносибатҳо дар соҳаи тарбияи ватандӯстӣ муқаррар намудани кафолатҳои давлатии механизмҳои амалигардонии ҳуқуқ ва озодии шаҳрвандон дар соҳаи тарбияи ватандӯстӣ, фароҳам овардани шароит барои рушди низоми тарбияи ватандӯстӣ, ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои иштирокчиёни соҳаи тарбияи ватандӯстӣ мебошад.

Вазифаи асосии танзими ҳуқуқии муносибатҳо дар соҳаи тарбияи ватандӯстӣ инҳоянд:

- тахия ва қабули заминаи ҳуқуқие, ки фароҳам овардани шароит барои фаъолияти озод ва рушди низоми тарбияи ватандӯстиро таъмин менамояд;
- фароҳам овардани кафолатҳои ҳуқуқӣ барои мутобиқ гардондани манфиатҳои иштирокчиёни муносибатҳо дар соҳаи тарбияи ватандӯстӣ;
- муайян намудани вазъи ҳуқуқии иштирокчиёни муносибатҳо дар соҳаи тарбияи ватандӯстӣ;
- тақсим кардани ваколатҳо дар соҳаи тарбияи ватандӯстӣ байни мақомоти давлатӣ ва мақомоти дигаре, ки идоракуниро дар соҳаи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон амалӣ менамоянд.

Мувофиқи қисми якуми моддаи 5 қонуни зикршуда, субъектҳои тарбияи ватандӯстӣ инҳо мебошанд:

- мақомоти давлатӣ ва мақомоти дигар, ки идоракунии соҳаи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандонро амалӣ мекунанд;
- коллективҳои меҳнатӣ, эҷодӣ, илмӣ, ҳарбӣ ва ғайра;
- муассисаҳои таълимӣ;
- муассисаҳои фарҳангӣ;
- иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, ташкилотҳои (иттиҳодияҳои) ҷамъиятию давлатии шаҳрвандон ва ҳамватанони берун аз марз истиқоматдошта;
- ташкилотҳои (иттиҳодияҳои) динӣ;
- ҳизбҳои сиёсӣ;
- воситаҳои ахбори омма;
- оила;
- шаҳрвандон.

Дар қисми дуюми ҳамин модда муқаррар шудааст, ки субъектҳои тарбияи ватандӯстӣ бо восита ва имкониятҳои бахудхос вазифаҳои соҳаи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандонро амалӣ менамоянд.

Дар моддаҳои 7 – 8 – 9 конуни зикршуда, ваколатҳои мақоми ваколатдори давлатӣ, Ҷамоатҳои шаҳрак ва деҳот дар соҳаи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон муайян шудааст.

Дар низоми субъектҳои тарбияи ватандӯстӣ оила низ мебошад. Оила – хонавода, зану фарзанд, хешу табор буда, вокеан асоси ҷомеа мебошад, ки дар ҳимояи давлат қарор дорад. Дар маънои ҳуқуқиаш оила - ин доираи шахсони вокеие мебошад, ки ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкӣ ва ҳуқуқҳои молумулкӣ дошта, асоси пайдоиши он бастани ақди никох, алоқаҳои хешутаборӣ, фарзандхонӣ ва дигар шаклҳои ба тарбия қабул намудани нооблиғон мебошад. Аъзои оила ҳамсарон, падару модар ва фарзандон мебошанд. Факти ҳамзистии муштарак аҳамият надорад. Масалан, бибӣ дар ҳамзистии якҷоя нест, вале хешутабори наздик мебошад. Фарзандон аъзои оила мебошанд, гарчанде ба балоғат расидаанд.

Барои муайян намудани вазъи оила дар соҳаи тарбияи ватандӯстӣ, ба андешаи мо оиларо ба намудхои зерин ҷудо намудан лозим аст:

- Оилаи муваффақ. Оилае мебошад, ки ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои худро дар муносибатҳои молумулкӣ, дар таълиму тарбияи фарзандон, дигар аъзоёни оила, инчунин ҳифзи манфиатҳои қонунии онҳо ба таври муносиб, дар рӯҳияи инсондӯстӣ, ватандорӣ ва эҳтироми арзишҳои миллӣ риоя ва иҷро менамоянд;
- Оилаи номуваффақ. Чунин оилае мебошад, ки дар доштани ҳуқуқ ва иҷрои ӯҳдадориҳои субъективӣ бемасъулият мебошад. Аз руйи таркиби иҷтимоии худ онро ба ду гуруҳ ҷудо намудан мумкин аст:

А) Оилаи номуваффақи ошкоро. Мисоли чунин оила шуда метавонад оилаи истеъмолкунандагони нӯшокиҳои спиртӣ, ки худ ва оилаи худро бадном мекунад. Оилаи фоҳишахо, оворагардҳо, гадоён, нашъамандон, дигар истеъмол-кунандагони доимӣ, ғайритиббии моддаҳои сахттаъсир ё дигар моддаҳои мадҳушкунанда. Дар чунин оила ноустувории хешутаборӣ, суистифода аз машруботи спиртдор, қиморбозӣ ва ё истифодаи маводи манъшуда ҷой доранд. Дар он мафкураи зӯроварӣ ва ё ҷангҷӯйи хукмрон аст, зеро дар муносибатҳои оилавӣ беэҳтиромии қонун ва ё қонуннописандӣ ғояи маъмул ва қабулшуда мебошад.

Б) Оилаи номуваффақи пӯшида. Дар намуди зоҳири оилаи таъмин ва фарҳангӣ мебошад, вале дар иҷрои ӯҳдадориҳо оид ба таълиму тарбияи дахлдори фарзандон (боби дуюми Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд” аз 2. 08 соли 2011, № 762 (моддаҳои 6 - 10)) мушкилӣ дорад, аз нигоҳи бадбинӣ, кинаю адовати ғоявӣ, сиёсӣ, маҳал, риоя намудан ё риоя накардани қоидаҳои динӣ, худсарӣ мекунанд. Ҳуқуқ ба дахлнопазирии оиларо медонад, вале ин дахлнопазириро бо расонидани ҳар хел ёрӣ ба давлати хориҷӣ, ташкилоти хориҷӣ ё ба намояндагони онҳо бар зарари истиқлолияти давлатӣ истифода мекунад.

Бо вуҷуди муваффақиятҳо дар самти ба роҳ мондани тарбияи ватандӯстии чунин оилаҳои зарраросон, мухолифони ғоявии Тоҷикистон аз хориҷ истода, тавассути Интернет барои афрӯхтани низоъҳои динию сиёсӣ ва ғоявӣ дар дохили давлат тамоми кушишҳои худро истифода мебаранд. Онҳо сиёсати давлатиро дар бораи озодии виҷдон ва ташкилотҳои динӣ нодуруст шарх дода, тарғиб менамоянд, ки дар Тоҷикистон озодиҳои динӣ маҳдуд карда шудаанд, ҳарчанд худи онҳо дар рушди ҳаёти динӣ ба ҷузъ паҳн намудани ақидаҳои ифротгароӣ, ангехтани кинаю адовати динию мазҳабӣ, тарғиб ба гирдиҳамоӣ ба ҷангу ноором сохтани вазъи босубботи ҳаёти кишвар ягон кори некро анҷом надодаанд. Бинобар ин, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон – Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ дар Паёми худ аз 23. 01 соли 2015 чунин ибрози андеша намуданд: “Терроризм ва экстремизм, аз як ҷониб, чун вабои аср хатари глобалии ҷиддӣ буда, аз ҷониби дигар, аъмоли он гувоҳ аст, ки террорист ватан, миллат ва дину мазҳаб надорад, балки як таҳдиде ба ҷомеаи ҷаҳонӣ ва ҷони ҳар як сокини сайёра аст. Ин зуҳуроти фалокатовар ҳеҷ умумияте бо дин, аз ҷумла бо дини мубини ислом надоранд ва бо истифода аз номи ислом ба хотири ҳадафҳои сиёҳу ғаразноки сиёсӣ содир карда мешавад. ”

Мувофиқи натиҷаҳои таҳқиқоти назарсанҷии олимони варзидаи кишвар Шоназар Шоисматуллоев ва Фирӯз Сафаралиевич Миров (Шоисматуллоев Ш., Миров Ф. С. Масъалаҳои иҷтимоӣ – иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон (маводи таҳлилӣ оид ба натиҷаҳои таҳқиқоти сотсиологӣ). – Душанбе: Дониш, 2023. – С. 24.), аз се ду ҳиссаи мусоҳибон (65, 3% ) ҷиҳати хуби Интернетро саривақт дастрас намудани иттилооти зарурӣ мебинанд. Нисфи мусоҳибон (47, 5%) қайд намуданд, ки ҷиҳати хуби Интернет ин саривақт хабар шудан ба ҳодисаҳои ҷаҳонӣ мебошад. Аз се як ҳиссаи мусоҳибон (31,0%) ҷиҳати хуби Интернетро дар васеъ шудани ҷаҳонбинӣ мебинанд. 30, 5% - и мусоҳибон муошират ва дарёфти дӯстонро ҷиҳати хуби Интернет мешуморанд. Инчунин, аз панҷ як ҳиссаи мусоҳибон қабулу фиристодани номаҳо бо почтаи электрониро ҷиҳати хуби Интернет меҳисобанд. Ҳамзамон 9, 8% - и мусоҳибон дар ҷавоб ба ин савол душворӣ намуданд.

Дар баробари ҷиҳатҳои хуб, ҷиҳатҳои манфии Интернет низ аз мусоҳибон пурсида шуд, ки чунин мебошад:

- Бехуда гузаронидани вақт – 68, 8%;
- Вобастагӣ пайдо шудан – 36, 6%;
- Дуршудан аз муоширати зинда – 32, 7%;
- Тамошои асарҳои видеоии бешармона – 31, 7%;
- Косташудани аxлоқ – 30, 3%;
- Ҳамроҳшудан ба гуруҳҳои қаҷрафтор – 22, 2%;
- Ба ҷавоб додан душворӣ дорам – 5, 7%.

Агар ҷораҳои фаҳмондадиҳӣ дар соҳаи тарбияи ватандӯстӣ натиҷаи лозимӣ надиҳанд, онгоҳ давлат аз ҷораҳои маҷбуркунии ҳуқуқӣ истифода менамояд. Иҷрои накардани ӯҳдадориҳо оид ба тарбияи шаҳрвандон аз ҷониби шахсони масъул, ки қонун муқаррар кардааст, асос барои ҷавобгарии маъмурӣ ё ҷиноятӣ мебошад.

Дар моддаи 20 қонун муқаррар шудааст, ки шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ барои риоя накардани талаботи Қонуни мазкур бо тартиби муқаррар намудани қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ ҷалб карда мешаванд.

Мувофиқи моддаи 90 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31. 12 соли 2008, барои аз тарафи падару модар ё дигар намояндагони қонунии ноболиғон, омӯзгор ё дигар кормандони муассисаи таълимӣ ё тарбиявӣ, инчунин шахсе, ки дар асоси шартнома кӯдакро тарбия мекунад, иҷро накардани ӯҳдадориҳои парасторӣ, тарбиявӣ, таълимӣ, ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои ноболиғон ҳангоми набудани аломати ҷиноят, - огоҳӣ дода мешавад ё ба андозаи аз се то панҷ нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима таъйин карда мешавад.

Тибқи моддаи 174 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21. 05 соли 1998, иҷро накардан ё иҷрои номатлуби ӯҳдадориҳо оид ба таълиму тарбияи ноболиғ аз ҷониби падару модар ё шахси дигар, ки ин ӯҳдадорӣ ба зиммааш қонунан гузошта шудааст, инчунин аз ҷониби омӯзгор ё дигар корманди муассисаи таълимӣ ё тарбиявӣ, агар ин кирдор бо муносибати бераҳмона нисбати ноболиғ алоқаманд бошад, - бо ҷарима ба андозаи аз дусад то панҷсад нишондиҳанда барои ҳисобҳо ё маҳдуд кардани озодӣ ба мӯҳлати то ду сол ё маҳрум сохтан аз озодӣ ба ҳамин мӯҳлат бо маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ё машғул шудан ба фаъолияти муайян ба мӯҳлати то се сол ё бидуни он, ҷазо дода мешавад.



Муҳаммад РАҲМОНЗОДА
мудири кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсия, дотсент

*Ироаи Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон яке аз рӯйдодҳои муҳим дар ҳаёти ҷомеаи мамлакат маҳсуб ёфта, дар он ҷанбаҳои гуногуни сиёсати давлатдории ҶТ, аз ҷумла, сиёсти дохилӣ ва хориҷӣ мариди таҳлилу баррасӣ қарор гирифта, дастоварду комёбиҳои соли қабли ҷамбаст гардида, дурнамои як соли минбаъда ва ҳадафҳои асосӣ муайян карда мешаванд. Зеро, Ҷумҳурии Тоҷикистон баъди ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ ба марҳилаи нави инкишофи таърихӣ — бунёди давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ, ягона ва иҷтимоӣ ворид гардид. Ворид шудан ба ин роҳи таърихӣ ва бунёди давлати навини миллӣ кори саҳл ва осон набуд. Дар масири таърих мушкилоту монеаҳои сангин ба сари миллат ва давлати милллӣ ба бор омаданд, ки раҳои аз чунин қисмат басо душвор ва гарон буд.*

*Хушбахтона, бо ҳидоят ва роҳнамоии Пешвои миллат, фаъолияти пурмаҳсули мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва сохторҳои давлативу ҷамъиятӣ, марҳила ба марҳила, ба ин рӯзҳои наку расидем.*



Эмомалӣ МИРАЛИЗОДА
дотсенти кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсия

# НАҚШИ ПАЁМИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ ДАР БАЛАНД БАРДОШТАНИ МАЪРИФАТИ ҲУҚУҚИИ АҲОЛӢ

## ПАЁМ – 2001

Аз ҳамин лиҳоз, агар таваҷҷуҳ ба Паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон карда шавад, сар аз соли 2001 то инҷониб, яъне дар 24 Паёми Пешвои миллат, ба масъалаҳои қонуният, тартиботи ҳуқуқӣ, пешгирии ҷинояту ҷинояткорӣ, бартараф кардани омилҳои коррупсионӣ, муқовимат ба экстремизму терроризм, пешгирии гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир таваҷҷуҳи махсус зоҳир гардида, ин падидаҳои манфии ҷамъиятӣ аз нигоҳи интиқодӣ баҳогузорӣ мегарданд. Аз ҷумла, дар Паёми Пешвои миллат аз санаи 30 апрели соли 2001 қайд мегардад, ки «Мо ҳоло дар марҳилаи махсуси таърихии худ — давраи гузариш қарор дорем. Яке аз талаботи давраи гузариш ин аст, ки бо мақсади таъмини кафолатҳои ҳуқуқи инсон, адолати иҷтимоӣ, ҳамчунин бо дарназардошти шароити марҳилаи гузариш ва давраҳои минбаъдаи пешрафти соҳаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии кишварамон, ба қонунҳои амалкунанда тағйироту иловаҳои саривақтию ҷавобгӯ ба талаботи иқтисоди бозорӣ ва муносибатҳои нави иқтисодиро ворид намоем». Аз ин рӯ, иброз намудан имконпазир аст, ки аз аввалин Паёми худ Пешвои миллат ба соҳаи ҳуқуқ, таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон, баланд гардидан маърифати ҳуқуқӣ аҳолӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуда, дар ин раванд, барои қабул гардидани як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар кишвар ташаббуси бевосита анҷом додаанд.

Ҳамчунин, Пешвои миллат дар Паёми аввалини хеш ба такмили низоми қонунгузории мамлакат таваҷҷуҳ намуда, оид ба зарурати қабули қисми 3-и Кодекси граждан, Кодекси иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, Кодекси мурофиавии гражданӣ ва Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ, Кодекси мурофиавии ҷиноятӣ дар таҳрири нав андешаронӣ намуданд. Зеро, қабул гардидани қонунҳои мухталифи ба талаботи замон мувофиқ боиси баланд гардидани фарҳанги ҳуқуқӣ дар ҷомеа гардида, барои пешгирии содиршавии кирдорҳои зиддиҳуқуқӣ мусоидат менамоянд.



## ПАЁМ – 2023

Дар Паёми навбатии хеш Пешвои миллат соли 2024-ро «Соли маърифати ҳуқуқӣ» эълон намуданд. Албатта, ки ин сабабу омилҳои хоси худро дорад. Зеро, якум, дар ин марҳилаи давлатдории миллӣ низоми санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ инкишоф ёфта, қонунгузории мамлакат устувор гардида, қонунҳои ба талаботи ҷомеа мувофиқ қабул гардидаанд (унсури якуми маърифати ҳуқуқӣ). Дуюм, ҷомеаи кунунии мамлакат чи аз шаҳрванди оддӣ то сатҳи марудми зиёӣ дарку фаҳмиши қонунгузории мамлакатро доро мебошанд. Шаҳрвандон тафаккури баланди дарки қонунҳои қабулшударо дошта, ба мазмуну моҳияти санадҳои меъёрии ба тасвибрасида сарфаҳм мераванд (унсури дуюми маърифати ҳуқуқӣ) ва сеюм, дар сурати мавҷуд будани ду унсури дар боло зикргардида, замина амалишавӣ барои унсури сеюм пайдо мешавад, яъне риояи қонун ва сармашқи фаъолияти ҳаррӯзаи худ қарор додани меъёрҳои қонунгузории кишавар (унсури сеюми маърифати ҳуқуқӣ). Аз ин лиҳоз, эълон гардидан «Соли маърифати ҳуқуқӣ» боиси мегардад, ки унсури сеюми маърифати ҳуқуқӣ амалӣ гардида, маданияти ҳуқуқии аҳолӣ ба дараҷаи дилхоҳ расад.

Итминони комил дорем, ки эълон гардидани Соли маърифати ҳуқуқӣ боис мегардад, ки маданияти ҳуқуқии аҳолӣ баланд гардида, кившари мо бо роҳбарӣ ва раҳнамоии Пешвои миллат ба марҳилаи нави тараққиёти давлати ҳуқуқбунёд шарафёб мегардад.

Ҳамин тавр, гуфтан имконпазир аст, ки паёмҳои Пешвои миллат ҳамчун василаи муҳимми баланд гардидани маърифати ҳуқуқии аҳолии мамлакат гардида, сарманшаи аввалиндараҷаи қабули қонунҳое эътироф мегарданд, ки маҳз ба баланд гардидани маърифати ҳуқуқии аҳолии мамлакат мусоидат менамоянд.

## ХУЛОСА ВА ПЕШНИҲОДҲО

Бо бардошт аз Паёми Пешвои миллат, чанде аз хулоса ва пешниҳодҳоро дар самти баланд бардоштани маърифати ҳуқуқӣ иброз медорем:

1. Ҷалби олимону мутахассисони соҳаи ҳуқуқшиносӣ ва ба роҳ мондани ҳамкории густурда бо ниҳодҳои ҳифзи ҳуқуқи мамлакат дар самти баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии аҳолӣ.
2. Истифодаи бамавриди андеша ва назарияҳои асосноки пешниҳоднамудаи олимони соҳаҳои ҳуқуқ дар фаъолияти амалӣ, махсусан, дар самти баланд бардоштани маърифати ҳуқуқӣ ва пешгирии ҳуқуқвайронкуниҳо дар ҷамъият.
3. Боз ҳам наздик шудани шахсони мансабдор ва мақомотҳои давлатӣ ба мардум ва омодабошии бархурд ба мафкура ва фаҳмишҳои нав. Ҷалби сиёсатшиносон, ҳуқуқшиносон ва равоншиносон дар фаъолияти амалии мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқ.
4. Ба роҳ мондани ҳамкориҳои судманд бо муассисаҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва дастгирии моддии онҳо дар самти коркарди назарияҳои асосноки илмӣ оид ба пешгирии ҳуқуқвайронкуниҳо дар ҷамъият.
5. Омӯзиши таҷрибаи пешқадами кишварҳои хориҷӣ ва татбиқи он бо дарназардошти маърифати ҳуқуқии аҳолӣ, шуур, минталитет, фарҳанг, таърих, урфу одат ва анъанаи мардуми мамлакат.
6. Дар ниҳоди насли наврас ҷой додани нигоҳи интиқодӣ ба кирдорҳои зиддиҳуқуқӣ. Дар ин ҷабҳа, саҳмгузорӣ барои омода сохтани филмҳои кутоҳ, бадеӣ ва тасвирӣ вобаста ба инъикоси оқибатҳои ҳуқуқии содир кардани кирдорҳои зиддиҳуқуқӣ.
7. Акнун, мо насли ояндасозе, ки тавонад, ин ҳама арзишҳои муқаддасро, ки дар баробари хуни ҳазорон ҳазор гузаштагони мо ба даст омодааст, тарбия намоем. Зеро Пешвои миллат дар Паёми навбатии хеш иброз доштанд, ки «Мо нав маркази маъмурии мамлакатро сохтем». Пас, барои он нигоҳдошти ин арзишҳои муқаддас ва расидан ба марҳилаи навбатии рушди давлатдорӣ, тарбия намудани насли поктинат, содиқ, ҷонфидо вазифаи аввалиндараҷаи мо маҳсуб меёбад.
8. Иҷрои софдилона ва содиқонаи вазифаҳои хизматии худ. Хиёнат накардан ба миллат, Ватан ва Пешвои миллат.
9. Ҷоннок намудани фаъолият дар саҳифаҳои шабакаҳои иҷтимоӣ. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар шароити имрӯзаи ҷомеаи иттилоотӣ, таваҷҷуҳи мардум ба хондани рӯзномаву маҷаллаҳо, гуш кардани радио ва тамошои телевизион нисбат ба солҳои қаблӣ камтар гардида, мароқ зиёд ба истифодаи шабакаҳои иҷтимоӣ пайдо шудааст. Аз ин лиҳоз, фаъолият ва инъикоси хабару мақолаҳо дар шабакаҳои иҷтимоӣ натиҷаи дилхоҳ нишон дода, холигие, ки ҳизбу ҳаракатҳои иртиҷоӣ дар ин шабакаҳо ба таври васеъ истифода мебаранд, танг гардида, мардум аз вартаи ҷаҳлу нодонӣ, торикию зулмот ва фирефтаю овора шудан наҷот меёбанд.



# ТЕРРОРИЗМ ВА ЭКСТРЕМИЗМ

*Терроризм чист ва онро бо экстремизм чӣ мепайвандад? Ба ин савол ҷавоби аниқ нест. Аммо, байни ин ду мафҳум робитаи муайян вуҷуд дорад.*

*Терроризм як амали зиддиҷамъиятӣ ва зӯроварӣ барои ноил шудан ба ҳадафҳои муайян мебошад. Он бо истифодаи усулҳои шадид ва бераҳмона, ба монанди ҳамла ба одамони бегуноҳ ё сохтани дастгоҳҳои тарканда тавсиф карда мешавад. Экстремизм бошад, як намуди махсуси рафтор аст, ки ба эътиқод ва ғояҳои шадид, ки аз доираи созишнома ва меъёрҳои ҷамъиятӣ берун аст, асос ёфтааст.*

Аммо, фарқиятҳои байни ин мафҳумро низ қайд кардан муҳим аст. Баръакси экстремизм, терроризм аллакай марҳилаи ниҳоии рафтори манфӣ мебошад. Дар ҳолате, ки ифротгаро тасмим гирифтааст, ки зӯроварӣ кунад ва ба амнияти мардум таҳдид кунад, амалҳои ӯ аллакай ба категорияи терроризм мегузаранд. Яке аз фарқиятҳои калидӣ инчунин дар он аст, ки терроризм як шакли мушаххаси экстремизм аст, ки бо истифодаи зӯроварӣ ва ба нобудкунии ҷисмонӣ алоқаманд аст.

Ҳамин тарик, терроризм ва экстремизм ду мафҳуми гуногун мебошанд, гарчанде ки байни онҳо робитае вуҷуд дорад. Экстремизм метавонад оғози даст задан ба амалҳои террористӣ бошад, аммо хатман ба онҳо оварда намерасонад. Дар баробари ин, фаҳмидани монандӣ ва фарқияти миёни ин падидаҳо ба таҳлил ва мубориза бо онҳо дар доираи равандҳои ичтимоӣ ва ҳуқуқӣ кӯмак мекунад.

Терроризм чист? Терроризм як шакли экстремизм аст, ки бо истифодаи зӯроварӣ ва таҳдиди истифодаи он бо мақсади ба вуҷуд овардани тарс, ваҳм ва номуайянӣ дар ҷомеа тавсиф мешавад. Баръакси экстремизм, ки онро дар доираи идеологияҳо ва равишҳои гуногун ифода кардан мумкин аст, терроризм бо рафтори зиддиҷамъиятӣ ва амалҳои зӯроварӣ алоқаманд аст.

Монандиҳо байни терроризм ва экстремизм дар ҷустуҷӯи онҳо барои нооором кардани ҷомеа ва имкони истифодаи зӯроварӣ барои расидан ба ҳадафҳои худ мебошанд. Аммо, бар хилофи экстремизм, терроризм бо истифодаи зӯроварӣ барои эҷоди тарс ва ваҳм дар ҷомеа ва ҷалби таваҷҷӯҳи ҷомеа ва васоити ахбори омма тавсиф мешавад.

Алоқа байни рафтори террористон ва ғояҳои зиддиҷамъиятӣ дар ҷустуҷӯи онҳо барои зӯроварӣ нисбати одамони бегуноҳ, инчунин даст кашидан аз арзишҳо ва меъёрҳои рафтори ҷамъиятӣ мебошад. Терроризм ва экстремизм метавонанд ангезаҳои гуногун дошта бошанд, аммо ҳадафи асосии онҳо ба вуҷуд овардани бесарусомонӣ ва номуайянӣ дар ҷомеа ва тағир додани низоми сиёсӣ, динӣ ё ичтимоӣ мебошад.

Экстремизм чист? Экстремизм як шакли рафтори зиддиҷамъиятӣ мебошад, ки ба зӯроварӣ, вайрон кардани қонуният, вайрон кардани сохти давлатӣ ва тамомияти ҳудудӣ равона шудааст. Экстремизм аксар вақт бо терроризм алоқаманд аст, аммо фарқиятҳои худро дорад. Фарқи асосии байни экстремизм ва терроризм дар он аст, ки экстремистҳо, мустақиман ба зӯроварӣ даст намезананд, балки дар сатҳи идеология ва ситоиши ғояҳои экстремистӣ кор мекунанд. Аммо, байни терроризм ва экстремизм робита вуҷуд дорад. Экстремизм метавонад марҳилаи сайёр дар роҳи терроризм бошад. Идеологияи экстремистӣ метавонад дар дохили гурӯҳи одамон нияти истифодаи зӯроварӣ ва амалҳои террористиро ба вуҷуд орад.

Аммо, бояд қайд кард, ки экстремизм метавонад дар шаклҳои гуногун, аз сиёсӣ ва динӣ то миллӣ ва этникӣ зоҳир шавад. Ҳамаи онҳо як хусусияти умумӣ доранд — даъват ба зӯроварӣ ва вайрон кардани тартиботи ҷамъиятӣ.

## ЭКСТРЕМИЗМ ЧИСТ? ВА ТЕРРОРИЗМ ЧИСТ?

Экстремизм шакли фаъоли ифодаи рафтори зиддиҷамъиятӣ мебошад, ки тақвият ва радикализатсияи муносибатҳои манфиро дар бар мегирад. Терроризм бошад, истифодаи зӯроварӣ ва



Шоинбеков О.
Муаллими калони кафедраи забонҳои хориҷӣ

воситаҳои тарс бо мақсади ба даст овардани тағйироти сиёсӣ ё идеологӣ мебошад.

Муносибати байни экстремизм ва терроризм дар он аст, ки ақидаҳо ва идеологияҳои экстремистӣ метавонанд аз ҷониби террористон ҳамчун асос ва конунигардонии амалҳои худ истифода шаванд. Онҳо метавонанд тавассути таблиғоти экстремистӣ ғояҳо ва ҳадафҳоро тарғиб кунанд, то тарафдорон ва ҷалбкунандагони навро ба кори худ ҷалб кунанд.

Монандии экстремизм ва терроризм дар он аст, ки ҳарду падида ба амнияти ҷамъиятӣ ва субот таҳдид мекунанд. Ҳарду зуҳуроти зӯроварӣ ва татбиқи идеологияҳои манфӣ мебошанд, ки ба оқибатҳои харобиовар оварда мерасонанд.

Аммо, байни экстремизм ва терроризм фарқиятҳо мавҷуданд. Экстремизмро дар шаклҳои гуногун ифода кардан мумкин аст — сиёсӣ, динӣ, миллатгароӣ ва ғайра. Терроризм шакли татбиқи ҷисмонии ин эътиқодоти экстремистӣ мебошад, ки барои расидан ба ҳадафи худ зӯроварӣ ва воситаҳои тарсонданро истифода мебарад. Фаҳмидани робитаи байни рафтори зиддиҷамъиятӣ, экстремизм ва терроризм барои самараноктар мубориза бурдан бо ин падидаҳо муҳим аст. Пеш аз ҳама, пешгирии радикализатсия ва решакан кардани муносибатҳо ва идеологияҳое, ки метавонанд барои амалҳои экстремистӣ ва террористӣ асос шаванд, зарур аст.

## МОНАНДӢ ВА ФАРҚИЯТҲОИ ЭКСТРЕМИЗМ ВА ТЕРРОРИЗМ

Экстремизм ва терроризм ду падидае мебошанд, ки робита ва монандӣ доранд, аммо дар айни замон фарқиятҳои назаррас доранд. Экстремизм ва терроризм ҳарду як шакли рафтори зиддиҷамъиятӣ мебошанд ва ҳадафи ноил шудан ба тағйирот дар ҷомеаро доранд. Аммо, терроризм як зуҳуроти радикалӣ ва зӯроварии экстремизм аст. Яке аз фарқиятҳо дар усулҳо ва миқёси амал аст. Терроризм бо истифодаи зӯроварӣ, аз ҷумла таъсири ҷисмонӣ ва равонӣ ба ҳадафҳо тавсиф карда мешавад. Дар ҳоле ки экстремизм метавонад дар шаклҳои гуногун зоҳир шавад, ки хатман ба осеби шахсӣ ё марги одамон оварда намерасонанд. Тафовути дигар дар он аст, ки терроризм тавассути таъсири зӯроварӣ ва эҷоди тарс ҳадафҳои сиёсӣ, динӣ ё ичтимоӣ дорад. Дар ҳоле ки экстремизм метавонад ангезаҳо ва ҳадафҳои гуногун дошта бошад, ки на ҳамеша бо сиёсат ё дин алоқаманданд. Дарк кардан муҳим аст, ки на ҳама шаклҳои экстремизм ба терроризм оварда мерасонанд. На ҳама идеологияҳо ва ақидаҳои экстремистӣ зӯроварӣ ва амалҳои террористиро таблиғ мекунанд. Аммо, таҳдиди паҳншавии ғояҳои экстремистӣ метавонад ба пайдоиши идеологияи терроризм оварда мерасонад. Ҳамин тавр, байни экстремизм ва терроризм монандӣ вуҷуд дорад, ба монанди рафтори зиддиҷамъиятӣ ва хоҳиши тағйирот дар ҷомеа, аммо дар усулҳо, ҳадафҳо ва миқёси амал низ фарқиятҳо мавҷуданд.

# АРТИШИ МИЛЛӢ – ШОҲСУТУНИ ИСТИҚЛОЛИЯТ

18 декабри соли 1992 аз ҷониби Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон қарор «Дар бораи таъсиси Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба имзо расида он дар замимаи «Фронти халқӣ» ва қувваҳое, ки Ҳукумати конститутсиониро ҷонибдорӣ мекарданд таъсис дода шуд. 23 феврали соли 1993 дар пойтахти кишвар шаҳри Душанбе бори нахуст паради ҳарбӣ баргузор гардид, ки он ҳар рӯз расман санаи таъсисёбии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон эълон карда шуд. Ҳукумати кишвар бо вуҷуди мушкилоти зиёди иқтисодиву молиявӣ ҳанӯз аз марҳилаи аввали таъсиси Қувваҳои Мусаллаҳ бо таҷдиду азнавсозии инфросохтор ва таъсиси ҷузъу томҳои махсус гардонидашуда эътибори махсус дода дар баробарии таълимоти онҳо бо техникаву таҷҳизотҳои муосир ба омодасозии кадрҳои баландихтисоси низомӣ шурӯъ намуда буд. Афсарону сарбозони Қувваҳои Мусаллаҳ дар солҳои душвори мухолифати дохилӣ (1992-1997) ва шиддат гирифтани вазъи минтақаву ҷаҳон қарзи ватандории хешро иҷро намудаанд.

Баъд аз андешидани тадбирҳои пайвастаи Ҳукумати Ҷумҳурии тоҷикистон, Артиши Миллӣ марҳила ба марҳила устувору қавитар гардида бо техникаву таҷҳизотҳои муосир таъмин шуд ва ба нерӯи пуркудрати дорои ҷузъу томҳои замонавӣ тадил ёфт. Артиши Миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо идораву азми қавӣ ҳамаи мушкилиҳову маҳрумиятҳои дар пеши роҳбударо бартараф карда, давра ба давра шакл гирифт ва мутаҳҳазу мусаллаҳ гардид. Ҳоло Артиши Миллии Тоҷикистон ҳамчун нерӯи обутоб ёфта, ҷангдида, бошуҷоату ватандӯст ва яке аз муқаддасоти миллӣ – руки муҳими давлатдории миллӣ дониста мешавад.

Асосгузори сулху ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҳаллӣ масъалаҳои мустаҳкам намудани иқтидори мудофиаи кишвар диққати ҷиддӣ зоҳир намуда онро аз рӯзҳои аввали таъсисёбии Қувваҳои Мусаллаҳ тахти назорати пайвастаи худ қарор додаанд, зеро оромию осоиштагии истиқлолияти ҳар як кишвар ба Артиши Миллиаш вобастагӣ дорад. Ва моро зарур меояд, ки ҳар яки мо барои ҳифзи кишвари худ бевосита саҳмгузор буда адои хизмати ҳарбиро ҳамчун нақшаи аввалиндараҷаи худ гузорем.


Абдухолиқ БУРИЗОДА
донишҷӯи соли 3

Мувофиқи моддаи 43-юми Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳифзи Ватан ҳимояи манфиати давлат, таҳкими истиқлолият амният ва иқтидори мудофиавии он вазифаи муқаддаси шаҳрванд аст. Барои саркашӣ аз иҷрои ин вазифаи конститутсионӣ ҷавобгарии ҷиноятӣ муқаррар карда шудааст. Ин нуктаҳо моро водор месозад, ки ҳамеша барои ҳифзи Истиқлолият, дахлнопазирии марзу буми Ватан омода бошем ва насли ҷавонро барои ватандӯстӣ ва хизмати содиқона дар сафи Артиши миллӣ ҳидоят намоем.




# АРТИШИ МИЛЛӢ – РУКНИ МУҲИММИ ДАВЛАТДОРӢ

Қувваҳои Мусаллаҳи мо яке аз дастовардҳои муҳимтарини даврони Истиқлоли давлатӣ буда, вазифаҳои муқаддасу пуршарафи дар назди онҳо гузошташударо вобаста ба ҳифзи амнияту оромии давлат ва ҷомеа, пойдории аркони давлатдорӣ ва таъмини зиндагии осоиштаи мардуми шарифи кишвар сарбаландона иҷро карда истодаанд. Артиши миллии Тоҷикистон бистушашсол муқаддам дар шароити ниҳоят вазнину мураккаби сиёсиву иҷтимоӣ дар ҳаёти кишвари тозаистиқлоламон таъсис дода шуд. Ҳукумати мамлакат бо вуҷуди мушкилоти зиёди иқтисодию молиявӣ, ҳанӯз аз марҳилаҳои аввали таъсисёбии Қувваҳои Мусаллаҳи Тоҷикистон, ба бунёд ва таҷдиду аз навсозии инфрасохтор, инчунин таъсиси ҷузъу томҳои махсус гардонида шуда эътибори ҷиддӣ дода, дар баробари омодасозии мутахассисони соҳа, ба ташкили воҳидҳои алоҳида ва таъминоти онҳо бо техникаву таҷҳизоти муосир шурӯъ намуд.

Дар заминаи тадбирҳои пайвастаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Артиши миллӣ марҳила ба марҳила устувору қавитар гардида, бо техникаву таҷҳизоти муосир таъмин шуд ва ба нерӯи пуркудрати дорои ҷузъу томҳои замонавӣ табдилёфт. Артиши миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо иродаву азми қавӣ ҳамаи мушкилиҳову маҳрумиятҳои дар пеши роҳбударо бартараф карда, давра ба давра шакл гирифт ва мутаҳҳазу мусаллаҳ гардид. Ҳоло Артиши миллии Тоҷикистон ҳамчун нерӯи обутоб ёфта, ҷангдида, бошуҷоату ватандӯст ва яке аз муқаддасоти миллӣ – рукни муҳими давлатдории миллӣ дониста мешавад.

Асосгузори сулху ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар иродаи Паёми ҳамасолаи худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъкид менамоянд, ки вокеоту таҳаввулоти ҷомеаи ҷаҳонӣ ҳар яки моро ҳушдор месозад, ки зиракии сиёсӣ, омодагии доимӣ, эҳсоси баланди ватандӯстӣ, худогоҳӣ ва муқаддас доштану ҳифз намудани арзишҳои Истиқлоли давлатиро аз даст надиҳем. Чунки вазъи зуд тағйирёбандаи ҷаҳони муосир, зиёд гардидани равияву созмонҳои терроризму экстремистӣ ва дигар зуҳуроти таҳдидовари хатарнок метавонад сулҳу субот ва ҳаёти орому осудаи мардумони кишвари моро халалдор намояд. Аз ин рӯ, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҳалли масъалаҳои мустаҳкам намудани иқтидори мудофиавии кишвар диққати махсус зоҳир намуда, онро аз рӯзҳои аввали таъсисёбии Қувваҳои Мусаллаҳ тахти назорати пайвастаи худ қарор додаанд. Чунки ҳеҷ як давлату халқият бидуни Қувваҳои Мусаллаҳи худ вуҷуд дошта наметавонад. Зеро ин қувва таъминкунандаи амнияти кишвар буда, оромию осоиштагии мардум ва суботи ҳар як давлат аст.


Баҳром ҚУРБОНОВ
донишҷӯи курси 2

Ҳар як афсару сарбози шуҷои кишвар, ҳамчун сипари боэътимоди Ватан дар иҷрои вазифаҳои хизматиашон бояд ҳамеша ҳушёру зирак бошанд ва ҳаргиз фаромӯш накунанд, ки фазои ороми осудаи имрӯзаи Тоҷикистони соҳибистиқлол бар ивази ҷони садҳо нафар ҷавонмардони бо нангу номуси миллат бадаст омадааст. Дар зарфи беш аз се даҳсола Артиши миллии Тоҷикистон ба мактаби тарбияи ватандӯстиву ватандорӣ ва меҳнату мардонагӣ табдилёфта, то имрӯз дар сафҳои худ даҳҳо ҳазор ҷавони обутоб ёфтаро ба камол расонидааст.

Имрӯз ҷавонони бонангу номуси тоҷик хуб дарк мекунанд, ки хизмат ба Ватан барои онҳо қарзи муқаддаси фарзандӣ ва рисолати мардонагист. Хизмати ҳарбӣ нишонаи равшани эҳсоси ватандӯстӣ, дарки зарурат ва аҳаммияти ҳимояи давлат ва халқи Тоҷикистон мебошад.

# ВАТАНДӮСТӢ АЗ ҲИФЗИ МАРЗУ БУМИ ВАТАН ОҒОЗ МЕЁБАД

Ҳама сола 23 – феврал дар саросари Ҷумҳурии Тоҷикистон рӯзи Артиши миллӣ, Қувваҳои мусаллаҳ бо як шукуҳу шаҳомати хосса гузаронида мешавад. Дар робита ба ин, бояд зикр намуд, ки яке аз рукнҳои муҳимтарини давлатдорӣ ин боэътимоди ҳар як давлати соҳибистиқлол, қувваҳои мусалаҳаш мебошад.

Артиш ё худ Қувваҳои Мусаллаҳ дар ҳар давру замон барои ҳар як кишвари соҳибистиқлол пояи матин, кафили бехатарӣ ва таъминкунандаи ҳаёти осоиштаи мардум ба ҳисоб меравад. Артиш вазифаи бузурги мудофиавӣ буда, меҳру муҳаббати фарзандро нисбат ба падару модар боз ҳам беҳтар мекунад, ба онҳо дарси зиндагиву ҷавонмардиро меомӯзад.

Артишро чун мактаби мардонагӣ ва омӯзиши касбу ҳунар тавсиф карда, дар он чо сарбозон ҳамарӯза бояд тамрини низомӣ гузаронида ва посбониву ҳушёрӣ ва зиракии марзи кишвари азизамонро ҳифз намоянд. Ҳимояи амну амнияти мардум вазифаи артиши нерӯманд аст, ки аҳамияти ҳифзи марз ва ҳаёти осоиштаро ҳассостар дарк месозад.

23 феврал – рӯзи Артиши миллӣ

Аз ин рӯ, бе дудилагӣ ҳар як модар фарзандашро бо даъвати баҳори ва тирамоҳӣ ба хизмат бояд ҳидоят намуда ва аз хизмати онҳо ифтихор намояд. Дар хотир бояд дошта бошем, ки тақдири миллат, ободиву осудагӣ ва ҳифзи ин марзу бум, аз ҳар як сокини кишвар вобастагии калон дорад.

Дар даврони соҳибистиқлолӣ ҷавонон бояд як нуқтаро дарк намоянд, ки хизмат ба Ватан – Модар қарзи фарзандӣ ва имониву виҷдонии ҳар як ҷавонмарди бонангу номус буда, мактаби бузурги тарбия, ҷасорат ва ватандорӣ ба ҳисоб меравад. Аз ҳидоятҳои падаронаи Пешвои миллат бармеояд, ки ифтихори миллӣ, зиракӣ ва ҳушёрии сиёсӣ буда, вазифаи ҷонии ҳар шахси бомаърифат аз он иборат мебошад, ки Ватанамон – Тоҷикистонро чун гавҳараки чашм ҳифзу ҳимоят намоем ва онро азизу муқаддас донем.

Ба қадри Модар – Ватан, муқаддасоти миллӣ – Истиқлолият, ваҳдату ягонагӣ, суботу озодӣ ва рамзҳои давлатӣ, инчунин арзишҳои волои фарҳангиву ахлоқӣ, забони модарӣ ва таъриху маданияти халқи худ бирасем ва барои наслҳои ояндаи худ гузоштани мероси арзанда, талош варзем.


Туразода Назрулло
донишҷӯи соли 3

# ПАРВАНДАИ ДИЛБАЗАН



**Зариф ҒУЛОМ**
**дастпарвари факултет**

Адвокат Шариф Бафоев якбора ва ногаҳон ғайб зад. Зану фарзандашро дар холати хайрату маъюсӣ гузошта, дар кадом гӯшаи дунё худро пинҳон намуд.

Ҳамсараш Фарида дари милисаю беморхонаю мурдахона ва идораҳои шиносномa ва маълумотдиҳиро охурча кард. Ҳамаи даву тоз ва гиряю фиғонаш бе натиҷа монданд.

Муфаттиши касалманд Сабуров баёноти чабрдидаро гирифта, шоҳидонро пурсида, аз чанд идораҳои даххлдор маълумотномаҳо ҷамъ оварда, дар охир таъинот дар бораи кофтуков эълон намудани адвокат Бафоев навишта, пешбурди парвандаро боз дошта, дар болои ҳошия сабт намуд: «Парвандаи ҷиноятӣ оид ба ғайб задани адвокат Бафоев» ва онро дар гӯшаи ҷевони дафтари кориаш гузошт.

Парвандаи ноумедона. Парвандаи дилбазан. Парвандаи беоқибат.

Ва ҳар боре, ки ҷабрдида Фарида бо чеҳраи ғамгину андуҳгин ба ӯ муроҷиат мекард, як ҷавоб мешунид:

- Кофта истодаем!

Парвандаи беоқибат. Парвандаи дилбазан. Парваандаи ноумедона.

Ба ақидаи худи муфаттиш Сабуров пешбурди парвандаро қайҳо қатъ намуда, онро ба бойгонӣ супурдан лозим буд. Муфаттиш масъалаи асосиро ҳал накард. Чаро Бафоев ғайб зад ва чӣ ӯро маҷбур кунонд, ки зану фарзандашро партояд?

Ба прокуратура хатмкардаи факултети ҳуқуқшиносӣ Курбонова Аноргулро ба сифати муфаттиш ба кор фиристоданд. Прокурор якчанд парвандаро, аз он ҷумла парвандаи ҷиноятии оид ба тарзи асроромез ғайб задани адвокат Бафоевро низ ба ихтиёраш супурд.

Ва муфаттиш бори якум Фаридаро ба дафтари корӣ ҷеғ зад. Дар гирди миз ду зан рӯ ба рӯйи ҳамдигар нишастанд. Яке мавзунқомати зебочеҳра бо либосҳои гаронбаҳо ва дигаре ҷавондухтари миёнақади харобу лоғар бо либосҳои нимдошту вале озода.

Аноргул сухбатро аз ҳаёту рӯзгори ҳамарӯзаи зан оғоз намуд. Фарида бо майли том саргузашти худро қисса намуд. Даву тоз ва муроҷиатҳои беохир ва муддати якуним сол ҷораю тадбир наандешидани мақомотро низ дар охири ҳикояи худ фаромӯш накард.

- Шавҳарат ягон одат дошт? - пурсид Анорғул.

- Сагпараст буд, - бо нафрат посух гардонд Фарида. - Саги зотии немисӣ дошт. Аз кор баргашта як - ду соат бо ҳайвон машғул мешуд. Сагаш аз сараш монад, - ва ашкрезон аз дафтари корӣ баромада рафт.

Муфаттиш бо тамоми вуҷуд дарк намуд, ки киссаи ҷабрдида бофтаи дурӯғу фиреб мебошад ва навиштаҷоти болои ҳошияро хат зада, ҷумлаи худро навишт: «Доир ба тарзи асроромез ба ҳалокат расондани адвокат Бафоев».

Аноргул пагоҳӣ ба хонаи Фарида, ки дар маҳаллаи Авул ҷойгир буд, ташриф овард. Ҳавлии калонро дарахтони гуногуни мевадиҳанда оро медоданд. Дар кунҷи чапи боғ сагхона ба чашм мерасид.

- Саг куҷо шуд? - ба рӯйи соҳибхона зеҳн монда пурсид Қурбонова.

- Мурд, - ҳамсуҳбат зуд ҷавоб дод ва баъд бо дили ноҳоҳам илова кард. - Аз ғаму ғуссаи ҷудоӣ тоқат накарда мурд...

Муфаттиш тахмини худро ба прокурор пешниҳод кард.

- Ду нафар корманди хоҷагии коммуналии манзил ва ду нафар шоҳидро гирифта амал кунед, - супориш дод прокурор пас аз қадре андеша кардан.

Коргарон сагхонаро як тараф кашида, ба кандани ҷоҳ сар карданд. Фарида дар пойгаҳи дар нишаста, ба заҳмати онҳо беларвоёна нигоҳ мекард. Пас аз як метр кандани хок ҷасади саг баромад.

- Дар таги хонаи худаш гӯрондем, - шарҳ дод Фарида ва умед дошт, ки коргарон аз давоми кандани хок худдорӣ менамоянд.

- Давом диҳед! - амр кард Анорғул.

Ҳамин ки чуқурии ҷоҳ ба андозаи ҷор метр расид аввал як пою даст ва баъдан қисмҳои дигари бадани ҷасад намоён гашт.

- Либосатонро пӯшед, - бо чаҳл фармон дод муфаттиш. - Шуморо ба ҳабс мегирем.

- Шумо ғалаба кардед! Нависед! Иқрор мешавам! - ва Фарида бо хашму ғазаб ва гиряи талху аламангез тамоми рафти содиршавии ҷиноятро ба тафсил ба забон овард.

Падараш Мухтор ҳаннoти бозор буда, бо роҳҳои корчалонӣ молу матоъҳои камчину қиматбаҳоро аз худ намуда, барои ба даст овардани фоидаи муфт духтараш Фаридаро пайваста истифода мебурд.

Бафоев чандин маротиба аз занаш илтимос мекунад, ки аз ин рафтори нолоиқ даст кашад. Ӯ бо илтиҷо мефаҳмонад, ки кирдори ҷиноятқоронаи онҳо ба пешравии фаъолияташ таъсир мерасонад. Фарида ба эътирози шавҳараш эътибор намедиҳад. Дафъаи охир байни онҳо мунокишаи тезу тунд сурат мегирад ва Бафоев таҳдид мекунад, ки худаш ба мақомот хабар медиҳад.

Нисфирӯзӣ падар сад дона чатри ҷопонӣ, рӯймолҳои пашмию ҷопонӣ ва атласу крепдешини ленинободӣ овард. Ваҷоҳати духтарашро дида, сабаб пурсид.

- Қаламашро тез карда истодааст, - бо ғазаб ҷавоб гардонд Фарида.

- Чӣ мехостааст? - дар дили каллоб воҳима афтод.

- Ман бояд аз ин кор даст кашам, - бо зарда гуфт Фарида.

- Аз ӯ бояд халос шавем, - ҷашмони ҷаллоб алов гирифтанд.

Падару духтар нақша кашиданд.

- Ба сагаш ана ин доруро бо гӯшт аралаш карда бидех, - ва Мухтор тозон аз ҳезумхона табарро оварда, дар таги миз гузошт.

Бегоҳӣ Бафоев бо табъи болида ба хонааш омад. Ӯ дар муроҷиаи судӣ масъалаи баҳси заминро ба фоидаи ҳимоятгараш ҳал карда буд. Ба ин муносибат базм оростанд. Падарӯс ҳар лаҳза домодашро бо ғалаба менӯшонд. Ҳамин ки Бафоев тамоман маст шуда, сар болои миз гузошта ба хӯроккашӣ даромад Мухтор аз таги миз табарро баровард...

Баъди қабули ҳукм Қурбонова дар хаяҷон ва хушбахт буд. Муфаттиши ҷавон, ки акнун пой ба фаъолияти тафтишотӣ гузошта буд гирехи калобаи ҷинояти мураккаб, вазнин ва пурдаҳшатро кушод. Ӯро ҳисси ифтихори касби интихобкардааш фаро гирифт. Ва ӯ меболид, ки тафтиши парвандаи дилбазанро бо донишу маҳорати касбӣ ба охир расонд.

# ПАЁМИ РОҲБАРИ ДАВЛАТ ТАҶАЛЛИИ МАРОМ ВА АҲДОФИ ИМРӮЗУ ФАРДОИ МИЛЛАТ

Мутобиқ ба талаботи Конститутсияи ҶТ дар ҷаласаи якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии ҶТ, Президенти кишвар бо паёми худ дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ баромад менамояд. Паёми имсолаи Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба мақоми олии намояндагӣ ва қонунгузорӣ – Маҷлиси олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, санаи 28 – уми декабри соли 2023 ироа гардид, ки самтҳои асосии сиёсати дохиливу хориҷии кишвар барои солҳои оянда муайян намуда, оид ба равнақи сиёсати судманди хориҷӣ, таъмини рушди соҳаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ, илму маориф, амнияту мудофиа, ҳифзи ҳуқуқу тартибот ва дигар самтҳои фаъолияти давлативу ҷамъиятӣ вазифаҳои мушаххас гузошта шуда, ҷиҳати бартараф намудани камбудиву мушкилоти дар ин самт ҷойдошта ва ба фаъолияти дастаҷамъонаи тамоми қишрҳои ҷомеа даъват ба амал оварда шуд.

Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон як навъ ҳуҷҷати барномавии сиёсӣ-ҳуқуқиест, ки самтҳои афзалиятноки рушди давлати Тоҷикистонро барои ояндаи наздик тарҳрезӣ менамояд. Дар Паём чун анъана ҳолати сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ, ҳуқуқӣ ва ҳатто мафкуравии мамлакат дар соли сипаришуда аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон арзёбӣ гардида, дар баробари ин камбудӣ ва мушкилоти соҳаҳои ҷудогона амиқан таҳлил ёфта, ҳадаф ва вазифаҳо барои соли навбатӣ, махсусан дар самти фаъолияти қонунэҷодкунӣ муайян карда мешаванд.

Роҳбари давлат дар паёми имсола ба ташаккул ва инкишофи сармояи инсонӣ, рушди таълиму тарбия, беҳтар намудани сифати таҳсилот диққати вижа намуда, рушди маорифро ҳамчун соҳаи афзалиятнок заминаи рушду тараққии босуръати кишвар эълом дошта, чунин қайд намуданд: "Рушди сармояи инсонӣ омили калидии баланд бардоштани сатҳу сифат ва самаранокии соҳаҳои иҷтимоӣ, махсусан, маорифу тандурустӣ, илму инноватсия, инчунин, фаъолияти самараноки муассисаҳои илмӣ мебошад. Дар навбати худ, рушди илму маориф калиди пешрафти ҳамаи соҳаҳо ва омили муҳимтарини таъмин намудани оянди босуботи давлат ва фардои босаодати ҷомеа ба ҳисоб меравад".

Қобили зикр аст, ки мардуми шарафманди Тоҷикистон дар соли 2024 дар арафаи ҷашни яке аз арзишмандтарин дастовардҳои замони Истиқлоли давлатӣ 30-солагии қабули қонуни асосӣ – Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор доранд ва Пешвои муаззами миллат ба ин масъала ибрози назар намуда зикр намуданд: "Конститутсияи Тоҷикистони соҳибистиқлол, ки заминаи эъмори давлати мустақили миллӣ ва пешравии тамоми ҷанбаҳои ҳаёти мардуми кишварро фароҳам овардааст, яке аз дастовардҳои муҳимтарини мо мебошад. Амалӣ намудани меъёрҳои Конститутсия ба мо имкон дод, ки пояҳои устувори ҷомеа ва давлатро созмон диҳем, сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ ва ваҳдати миллиро таҳким бахшем, рушди устувори иқтисодии кишваramonро таъмин намоем, барои ҳар як шаҳрванди мамлакат шароити зиндагии арзанда ва инкишофи озодонаро муҳайё созем".

Ба ин минвол, бо мақсади рушди давлати ҳуқуқбунёду демократии Тоҷикистон, волоияти қонун, арзиши олӣ шинохтани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, тартиботи ҷамъиятӣ, таъмини адолати судӣ, баланд бардоштани шуури ҳуқуқӣ, тарбияи ҳуқуқӣ, фарҳанги ҳуқуқии аҳолӣ ва ба ифтихори сиюмин солагарди қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2024-ро "Соли маърифати ҳуқуқӣ" эълон намуданд.



**Далер РАҲМОН**
**судяи суди ноҳияи Сино**

Эълон гардидани соли 2024 - ҳамчун "Соли маърифати ҳуқуқӣ" дар кишвар дар Паёми навбатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон устодону омӯзгорони соҳаи ҳуқуқ, олимону муҳаққиқон, ҳуқуқшиносони касбӣ, судяву прокуророн, адвокатҳо ва ғайраро вазифадор менамояд, ки дар самти таълиму тарбияи ҷавонони худогоҳу худшиноси ҳуқушинос, баланд бардоштани донишҳои ҳуқуқӣ миёни аҳолӣ, камолоти фарҳанги ҳуқуқии аҳолии ҷомеа талошҳои пайваста намоянд.

# КОДЕКСИ МАДАНИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ВА БАЪЗЕ МАСЪАЛАҲОИ ТАНЗИМИ ҲУҚУҚИИ ФАЪОЛИЯТИ СОҲИБКОРӢ

**Қабули Кодекси мадании ҶТ дар таърихи кодификатсияи қонунгузории мадании Тоҷикистон дигаргунии муҳим ба ҳисоб меравад. Тибқи моддаи 2 он қонунгузории маданӣ муносибатҳои молумулкӣ ва шахсии ғайримолумулкиеро, ки ба баробарӣ, мухторияти ирода ва мустақилияти молумулкии иштирокдоронаш асос меёбад, ба танзим медарорад.**

Бо ҳамин доираи муносибатҳоеро, ки Кодекси мазкур ба танзим медарорад мушаххас муайян карда шуда, фаъолияти соҳибкорӣ дигар объекти батанзимдарории он эътироф карда намешавад.Навобаста аз Кодекси маданӣ хориҷ кардани мафҳуми “фаъолияти соҳибкорӣ” баъзе муносибатҳои амудие, ки оид ба амали намудани фаъолияти соҳибкорӣ бавуҷуд меоянд, бахусус шартномаҳои соҳибкорӣ ҳамчун предмети танзими Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон боқи монданд. Чунин ҳолат на танҳо боиси нофаҳмои дар байни мутахассисони соҳаи ҳуқуқи маданӣ ва соҳибкорӣ, балки муаммо (номуайяни) дар қонунгузорӣ гардид. Баъзеҳо, чунин тахмин менамоянд, ки дар оянда Кодекси соҳибкории Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул карда шуда, номуайянии мазкур аз байн бардошта мешавад. Шояд чунин шавад. Вале ин эҳтимолият ҳаст, на воқеият. Оне, ки мафҳуми фаъолияти соҳибкорӣ аз Кодекси маданӣ хориҷ карда шудааст беасос намебошад. Зеро, фаъолият ва муносибат, аз ҷумла муносибатҳои молумулкӣ ва шахсии ғайримолумулкӣ як чиз намебошанд. Далели он қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, ки тибқи он “соҳибкорӣ фаъолият мустақил“ эътироф карда мешавад ( м. 1 Қонуни ҶТ “Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ, аз 26 июли соли 2014). Фаъолият, категорияи мустақил буда, аз маҷмӯи амалҳои алоҳида иборат мебошад, ки ба воситаи онҳо муносибатҳои гуногуни субъектҳои ҳуқуқ амалӣ карда мешавад. Маҷмӯи амалҳое, ки ба мақсади ягона, дар фаъолияти соҳибкорӣ бошад, ноил шудан ба натиҷаи ниҳоӣ, гирифтани фоида равона карда шудаанд, фаъолиятро ташкил медиҳанд. Ба зиммаи он Кодекси мадании нав ҳатто “амал”-ро ба ҳайси намуди объекти ҳуқуқи маданӣ дар м. 136 КМ ҶТ муқаррар наменамояд. Аз ин ҷо мавқеи қонунгузор низ ҷолиб аст, зеро “фаъолияти соҳибкори”-ро, ки ба ҳайси предмети батанзимдарории Кодекси маданӣ эътироф наменамояд. Ба ақидаи мо “фаъолияти соҳибкорӣ” ва муносибатҳои ба он алоқаманд, инчунин танзими давлатиии онҳо бояд предмети батанзимдарории Кодекси соҳибкорӣ, ки бояд дар оянда қабул карда шавад, бошад. Ҳамзамон, аз Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон хориҷ намудани мафҳуми “фаъолияти соҳибкорӣ” боиси аз байн рафтани андеша дар бораи он низ гардид, ки гуё ҳуқуқи соҳибкорӣ қисми таркибии ҳуқуқи маданӣ мебошад. Қайд кардани ҳастем, ки хориҷ намудани “фаъолияти соҳибкорӣ” аз Кодекси маданӣ бо иштироки бевосита мутахассисони соҳаи ҳуқуқи маданӣ, ки дар таҳияи минбаъдаи он иштирок доштанд “дониста” ва ё ин ки “тасодуфан” ба анҷом расонида шуд. Бо ҳамин ҷараёни ба худ хоси “ғасби” ҳуқуқи соҳибкорӣ аз тарафи ҳуқуқи маданӣ ба охир расида, Кодекси маданӣ дигар нақши Конститутсия иқтисодиро чи хеле, ки баъзе мутахассисони соҳаи ҳуқуқи маданӣ эътироф менамуданд, иҷро наменамояд.

Саволе бамиён меояд, ки хориҷ кардани мафҳуми фаъолияти соҳибкорӣ аз Кодекси маданӣ, метавонад боиси аз байн рафтани фаҳмиши фаъолияти соҳибкорӣ гардад? Ҳаргиз. Зеро, мафҳуми фаъолияти соҳибкорӣ дар Қонуни ҶТ “Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ” ва баъзе санадҳои меъёри ҳуқуқии ҶТ муқаррар карда шудааст. Тибқи сархати 4. м. 1. Қонуни мазкур соҳибкорӣ, фаъолияти мустақили ба таваккал амалишавандаи шахсони бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайди давлатӣ гирифташудае мебошад, ки барои ба даст овардани фоида аз истифодаи молу мулк, истеҳсол, фурӯши мол (иҷрои кор ё хизматрасонӣ) равона карда шудааст. Мафҳуме, ки дар Қонуни мазкур дар бораи фаъолияти соҳибкорӣ дода шудааст, дар фарқият аз мафҳуми дар Кодекси гражданӣи (соли 1999) муқарраркардашуда, бо ду хусусияташ фарқ менамояд. Аввало, дар он сухан дар бораи “мунтазамияти ба даст овардани фоида” намеравад. Танҳо сухан дар бораи “ба даст овардани фоида” меравад. Баъдан, ба даст овардани фоида на танҳо аз истифодаи молу мулк, фурӯши мол, иҷрои кор ва расониданӣ хизмат, балки ба “истеҳсоли мол” низ вобаста дониста мешавад. Оид ба мавриди аввал чунин гуфтани ҳастем, ки агарчанде дар мафҳуми фаъолияти соҳибкорӣ дар бораи “мунтазамӣ” ва “доимиятии” он сухан нарафта бошад ҳам, худи калимаи “фаъолият» шаҳодати он аст ки соҳибкорӣ ҷараёни мунтазам ва доимӣ буда, дар доираи вақти муайян амалӣ карда мешавад. Мунтазамии фаъолият дар навбати худ дар ду ҷабҳа ифода меёбад. Аввалан, мунтазам ба даст овардани фоида аз истеҳсол, фурӯши мол, иҷрои кор ва расонидани хизмат. Сониян, мунтазам содир намудани амал. Новобаста аз ба ҳам алоқамандияшон ҳолатҳои зикршуда на аз рӯи ҳаҷм ва на аз рӯи мазмун ба ҳамдигар мутобиқат намекунанд. Ҳамзамон, қайд кардани ҳастем, ки мунтазамӣ ва доимӣ як чиз намебошанд. Мунтазамӣ якчанд маротиба такрор ёфтани ягон амалро дар назар дорад. Вай дар ягонагӣ, баҳамалоқамандӣ ва мақсади ягона доштани фаъолияти содиркарда ифода меёбад. Чунин мақсад дар фаъолияти соҳибкорӣ ба даст овардани фоида мебошад. Доимӣ бошад, дар дурудароз ё ҳатто дар доираи вақти мушаххаси номуайян содир намудани ин ё он амал ифода меёбад. Аз ин ҷо омехта намудани онҳо боиси нофаҳмиҳо мегардад. Ба масъалаи ба даст овардани фоида аз истеҳсоли мол чунин гуфтани ҳастем, ки мо хело барвақт дар натиҷаи таҳлилӣ ҳаматарафаи моҳияти соҳибкорӣ ба хулоса омада будем, ки пеш аз молро истифода бурдан ё фурӯхтан онро истеҳсол намудан зарур аст. Ҳамзамон, истеҳсоли мол гувоҳи дараҷаи самаранокии истеҳсолот буда, мутобиқан бо фурӯши мол мустақилияти нисбиро дорост. Барои ҳамин ҳам қайд карда будем, ки дар мафҳуми фаъолияти соҳибкорӣ ба даст овардани фоида на танҳо аз истифодаи молу мулк, фурӯши мол, иҷрои кор ва расонидани хизмат, балки аз истеҳсоли мо ифода карда шавад.

Қайд кардан бамаврид аст, ки навгонии муҳимӣ Кодекси маданӣ аз он иборат аст, ки агарчанде аз он мафҳуми фаъолияти соҳибкорӣ хориҷ карда шуда бошад ҳам, аммо ҳуқуқи машғул шудан ба фаъолияти соҳибкорӣ, аввалин маротиба ҳамчун қисми таркибии қобилияти ҳуқуқдории шаҳрванд дар Кодекси маданӣ муқаррар карда шуд



Раҳимзода М. З. -узви вобастаи АМИТ, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, Арбоби илм ва техникаи Тоҷикистон

(м.19). Машғул шудан ба фаъолияти соҳибкорӣ, ифодаи озодии он буда, ва ҳамчун яке аз ҳуқуқҳои асосӣ ва озодиҳои бунёдии инсон ва шаҳрванд мебошад. Агарчанде, ки ҳуқуқ ба фаъолияти соҳибкорӣ ҳамчун яке аз намуди ҳуқуқҳои иқтисодӣ дар м. 12 Конститутсияи ҶТ бевосита мустаҳакам карда нашуда бошад ҳам, вале вай аз моҳияти қисми 2 моддаи мазкур ба миён меояд, ки тибқи он давлат озодии фаъолияти соҳибкориро кафолат медиҳад. Категорияи “озодии фаъолияти соҳибкорӣ” ҳамчун принсип ифодагари ҳуқуқи субъективӣ мебошад. Ҳангоме, ки ба озодии фаъолияти соҳибкорӣ ҳамчун таҷассумгарӣ “ҳуқуқ ба фаъолияти соҳибкорӣ” баҳо медиҳем, мо салоҳияти шахс ва иттиҳодияҳою ташкилотҳои онҳоро барои амали намудани фаъолияти соҳибкорӣ дар назар дорем. Дар низоми ҳуқуқ ва озодиҳои инсон, аз он ҷумла ҳуқуқ ва озодиҳои иқтисодӣ, ки Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ менамояд, ҳуқуқи машғул шудан ба фаъолияти соҳибкорӣ, бояд ҷои мустақилро ишғол намояд. Ҳуқуқи мазкур хислати ягонагӣ дошта, мазмуни онро маҷмӯи салоҳиятҳои зерин ба монанди, ҳуқуқи аз ҷониби худ содир намудани амал; ҳуқуқи аз дигар кас талаб кардани иҷрои уҳдадорӣ ба манфиати соҳибкор ва имконияти аз ҷониби соҳибкор ҳимоя кардани манфиатҳои худи он ташкил медиҳад. Мутассифона, машғул шудан ба фаъолияти соҳибкорӣ ҳамчун ҳуқуқ дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо таври мушаххас ифода наёфтааст. Аз инҷо зарурияти танзими он дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба миён меояд... давом дорад....

*Асоси рушди ҳар як давлат ва ҷомеа аз ҳисси баланди ватандӯстӣ, садоқат ба Ватан, эҳтироми арзишҳои умумиинсонӣ адои қарзи шаҳрвандӣ,адои ӯҳдадориҳои конститутсионӣ, ки бевосита дар моддаи 43-юми Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон оварда шудааст, вобастагӣ дорад. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни суханронии худ ба тамоми шаҳрвандон, аз ҷумла ҷавонон ки имрӯз қишри зиёди аҳолии Тоҷикистонро ташкил медиҳанд таъкид намуданд « Мо бояд ватандӯсту ватанпараст бошем ва ҳаргиз фаромӯш насозем, ки эҳсоси гарми ватандӯстӣ ва ҳисси баланди миллӣ амали асоситарин ва роҳи муҳимтарини рушди давлат ва ҷомеа мебошад».*



**Мавзунаи САИДШО**
**донишҷӯи соли3**

# ВАТАНДӮСТӢ ВА ИФТИХОРИ МИЛЛӢ



Зикр кардан ба маврид аст, ки Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон вобаста ба тақвият додани ҳисси баланди ватандӯстӣ ва бедор кардани тафаккури шаҳрвандон қонун Ҷумҳурии Тоҷикистон « Дар бораи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон» - ро қабул намуданд. Қонуни мазкур аз 24-уми декабри соли 2022 таҳти рақами √°=1920 қабул карда шуда , аз 5- боб ва 21- модда иборат аст. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон» ҷиҳати тарбияи шаҳрвандон дар роҳи хизмати софдилонаву фидокорона ба Ватан, ифтихор аз ниёгон , арҷгузорӣ ба муқаддасоти миллӣ ва кӯшишу заҳмати бисёр барои ободию озодии фардои кишвар ва ба ин тариқ тақвият додани ҳисси ватандӯстӣ байни шаҳрвандон равона карда шудааст. Дар ҳар боб ва моддаҳои қонуни мазкур масъалаҳои мубрам ва асосӣ вобаста ба тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон оварда шудааст.

Аз ин рӯ, вазифаи ҳар як шаҳрванд ҳимояи Ватани худ чӣ дар хона ва чӣ дар сарҳад мебошад. Фарзандони худро бояд дар ҳамин рӯҳия, арҷ гузоштан ба Ватан тарбия намоем ва садоқати баланди ватандӯстиро дар ниҳоди онҳо бипарварем.



**Раҷабалӣ Носиров**
**донишҷӯи соли 3**

# ТАРБИЯИ ВАТАНДУСТӢ

*Ватандустӣ – принсипи ахлоқию сиёсӣ ва ҳисси иҷтимоӣ, мазмуни аслиаш меҳру муҳаббат ва садоқат ба Ватан ва омода будани инсон ба боло гузоштани манфиатҳои ӯ аз манфиатҳои шахсии худ мебошад. Ватандӯстӣ муносибати ҳисси нисбат ба Ватан буда, дар хидмат кардан ба Ватан ва муҳофизат намудани он ифода мeёбад.*

Имрӯз худшиносии миллӣ, ҳисси ватандӯстӣ ва садоқат ба Ватан яке аз пояҳои муҳими давлату давлатдорӣ ба ҳисоб меравад. Чунки давлат бе миллат буда наметавонад ва дар ин баробар миллате, ки худро нашиносад, ба арзишҳои миллии худ эҳтиром надошта бошад, он миллат соҳибдавлат буда наметавонад. Ҳамин ҳисси ватандӯстӣ буд, ки миллати мо ба ҳеҷ як мушкилӣ ва фиребу найранги ашхоси бегона нигоҳ накарда, ваҳдати миллиро дар кишвар пойдор намуд. Имрӯз дар ин робита ба ин масъала Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таваҷҷуҳи хоса дорад ва таълими ин масъала дар тамоми сохторҳои илмию таълимӣ, ба роҳ монда шудааст. Хизмат дар сафи қуввaҳои мусаллаҳои ҷумҳурӣ, ҳимоти марзу буми кишвар ва нигоҳ доштани оромиву осудагии мамлакат низ аз худшиносӣ, худогоҳӣ ва садоқат ба давлату миллати ҳар як шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон дарак медиҳад.

Тавре Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон изҳор доштанд: “ Дар замири ҳар як фарди ҷомеа тарбия кардан ва таҳкиму тақвият бахшидани ҳисси баланди ватандӯстиву ватандорӣ, худшиносии миллӣ, эҳтиром ба арзишҳои маънавӣ ва муқаддасоти миллӣ яке аз омилҳои муҳими пойдории давлати соҳибистиқлол мебошад.”

Мазмуни сарчашмаи Ватандӯстиро мафҳумҳои ба монанди: “табиат, падару модар, хешовандон ташкил медиҳад. Ин зарур аст, зеро мо падару модар, фарзандон, Ватан, ҷои таваллудро интихоб намекунем”. Чуноне, ки дар боло такрор шуд Ватандӯстӣ муносибати ҳиссӣ нисбат ба Ватан буда, дар хидмат кардан ба Ватан ва муҳофизат намудани он ифода меёбад ва дар ҳамаи давру замонҳо яке аз хислатҳои неки инсоният ба шумор меравад.

Ватандӯстӣ имрӯз як рукни асосии мафкураи милли Тоҷикистон мебошад. Ин масъаларо гаштаю баргашта, Роҳбари давлати тоҷикон, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар суханрониҳои худ таъкид менамоянд, ки “Вазифаи имониву муқаддаси ҳар як фарди бонангу номуси миллат аз шаҳрванди оддӣ то корманди баландпояи мақомоти давлатӣ таблиғи бедории миллӣ, зиракию ҳушёрии сиёсӣ, ҳисси баланди ифтихори ватандориву ватандӯстӣ, густариши ғояҳои худогоҳиву худшиноси милли ва муҳимтар аз ҳама, таҳкими Ваҳадти миллӣ мебошад”.

Аз ин лиҳоз моро , махсусан ҷавонони бонангу номуси Ватанро зарур аст, ки пеш аз ҳама ба қадру эҳтироми дастоварди бебаҳои таърихии х уд расида, Истиқлолияти давлатӣ ва Ваҳдати миллиро чун гавҳараки чашм ҳифз намоем.

Ситсерон доир ба муҳаббати Ватандӯстӣ ба маврид қайд кардааст, ки барои мо падару модар, фарзанд, хешону наздикон азизанд, вале ҳамаи тасаввуротамон дар боби меҳру муҳаббат дар як калима – Ватан муҷассам аст. Агар ба ватан нафъаш мерасида бошад, барои он кадом инсони бовиҷдон ҷон фидо карда намехоҳад, дар ҳақиқат ҳар як сокини кишварро мебояд, ки ба ватани худ аз самими қалб меҳру муҳаббати содиқона дошта бошанд.

# МАЪРИФАТИ ҲУҚУҚӢ – КАФИЛӢ БАЛАНД БАРДОШТАНИ ҲУВИЯТИ МИЛЛӢ, ХУДШИНОСӢ ВА АДОЛАТПАРВАРӢ



Муҳаммад СОҚИЕВ
донишҷӯи соли 4

*Бо мақсади иҷрои дастуру супоришҳое, ки аз Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон “Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ” бармеоянд, фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи “Соли маърифати ҳуқуқӣ” эълон намудани соли 2024” аз 30 декабри соли 2023, № 668, ба имзо расид.*

Мақсад аз ба тавсиб расидани фармони мазкур, баланд бардоштани сатҳи маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон, тарғибу ташвиқи арзишҳои демократӣ, мустаҳкам намудани падидаҳои ҳуқуқии инсон, баланд бардоштани ҳувияти миллӣ, адолатпарварӣ, тарбияи шаҳрвандон дар руҳияи эҳтиром нисбат ба он ва таъмин намудани волоияти қонун, ташаккул додани низоми устувори рафтори ҳуқуқӣ, ташкил намудани механизми самараноки ҳамкории давлат ва ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ дар самти маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон мебошад. Анҷом додани тадбирҳои зикргардида арзиши олӣ доштани ҳуқуқҳои инсонро муайян менамояд, ки он бевосита дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳкими ҳуқуқии худро ёфтааст. Қисми 1 моддаи 5 КҶТ “Инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯ арзиши олӣ мебошанд”. Кафолат, ҳифз ва амалишавии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, инчунин таъмини бевоситаи он дар қисми 1-2 моддаи 14 КҶТ зикр гардидааст. “Ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ба воситаи Конститутсия, қонунҳои ҷумҳурӣ ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки аз тарафи Тоҷикистон эътироф шудаанд, ҳифз мегарданд. Ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд бевосита амалӣ мешаванд. Онҳо мақсад, мазмун ва татбиқи қонунҳо, фаъолияти ҳокимияти қонунгузор, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва худидоракуниро муайян мекунанд ва ба воситаи ҳокимияти судӣ таъмин мегарданд”. Баланд бардоштани ҳисси ватандӯстӣ, тақвияти рағбати шаҳрвандон ба донишҳои соҳаи ҳуқуқ, васеъ намудани дастрасии шаҳрвандон ба иттилооти ҳуқуқӣ, иштироки фаъолонаи шаҳрвандон дар фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ ва паст гардидани сатҳи ҳуқуқвайронкунӣ мусоидат менамояд.

Худшиносӣ яке аз арзишҳои миллии инсон ба ҳисоб меравад. Зеро он дар ҳалли бунёдкорӣ, инсонро ҳамсафар гардида, шинохти он пояи устуворест, ки ҳар миллат мавҷудияти худро дар канори миллату халқиятҳои дигар муайян мекунад. Маърифатнокӣ, худшиносиву худогоҳии ҳар як фарди ҷомеа ба таълиму тарбияи дурӯсти дар рӯҳияи миллӣ ба роҳ монда вобаста мебошад.

Яке аз масъалаҳои муҳиме, ки зимни ироаи Паём ба таваҷҷуҳи зиёд зоҳир шуд, ин нақш ва мавқеи ҳуқуқ дар давлат, низоми сиёсӣ ва иҷтимоӣ буд. Президенти мамлакат ин падидаи муҳими сиёсию иҷтимоиро унсур, сарчашма, омил ва роҳу механизми асосии таъмини стратегияву барномаҳои давлатӣ, таъминкунандаи суботи сиёсиву иҷтимоӣ ва фарҳангии мамлакат арзёбӣ намуданд. Воқеан, ҳуқуқ таъминкунандаи адолати иҷтимоӣ дар давлат буда, тавассути он қоидаи рафтори давлат ва мақомоти давлати ҳамчун унсури сиёсӣ ва иҷтимоию фарҳангӣ, рафтори ҷомеа ва шахс дар чорчӯбаи муайян муқаррар карда мешавад. Қобили зикр аст, ки Пешвои миллат дар тамоми паёмҳои худ ва дигар маърузаву баромадҳояшон бевосита ё бавосита ба масъалаҳои гуногуни конститутсионӣ, меъёру принсипҳои он, ки дар Конститутсия эълон карда шуданд, рӯ меоранд. Зимнан, истифодаи васеи мафҳумҳои Конститутсионӣ сатҳи баромаду маъруза ва паёмҳои Пешвои миллатро боз ҳам арзишмандтар, қавитар ва таъсирбахш мегардонад. Чунончи, Сарвари давлат дар Паём зикр карданд: “Бояд гуфт, ки дар раванди бунёди ҷомеаи пешрафта ва адолатпарвар масъалаи ташаккули маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон нақши калидӣ дорад”. Ибораи “бунёди ҷомеаи адолатпарвар” мафҳуми конститутсиони буда, он ифодаи худро дар дебочаи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ёфта, ҳамчун вазифа ва мақсади ниҳоии халқи Тоҷикистон эътироф шудааст. “Мо халқи Тоҷикистон, қисми ҷудонашавандаи ҷомеаи ҷаҳон буда, худро дар назди наслҳои гузашта, ҳозира ва оянда масъул ва вазифадор дониста, таъмини соҳибихтиёрии давлати худ ва рушду камоли онро дарк намуда, озодӣ ва ҳуқуқи шахсро муқаддас шумурда, баробарҳуқуқӣ ва дӯстии тамоми миллату халқиятҳоро эътироф карда, бунёди ҷомеаи адолатпарварро вазифаи худ қарор дода, ҳамин Конститутсияро қабул ва эълон менамоем”.

Қобили зикри хос аст, ки дар пайвастагӣ ба Конститутсия ва ҳуқуқ, риояи қатъии онҳо ва баланд бардоштани сатҳи худшиносиву худогоҳии ҷомеа, ки бе тақвияти фарҳанги Конститутсионӣ ва маърифати ҳуқуқӣ ғайриимкон аст, аз таъкид ва дастуру супоришҳои ҳамешагии роҳбари давлат ба шумор меравад. Аз ҷумла, дар Паёми навбати ба ин нукта ишораи возеҳ сурат гирифта, чунин таъкид ба амал оварда шуд: “Тамоми сохтору мақомоти давлатӣ, аз ҷумла мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, бояд ҳамаи захираву имкониятҳоро ҷиҳати иҷрои вазифаҳои зикршуда барои соли 2024, ки сиюмин солгарди қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон таҷлил мегардад, сафарбар намоянд. Зеро Конститутсияи Тоҷикистони соҳибистиқлол, ки заминаи эъмори давлати мустақили миллӣ ва пешравии тамоми ҷанбаҳои ҳаёти мардуми кишварро фароҳам овардааст, яке аз дастовардҳои муҳимтарини мо мебошад. Амалӣ намудани меъёрҳои Конститутсия ба мо имкон дод, ки пояҳои устувори ҷомеа ва давлатро созмон диҳем, сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ ва ваҳдати миллиро таҳким бахшем, рушди устувори иқтисодии кишварамонро таъмин намоем, барои ҳар як шаҳрванди мамлакат шароити зиндагии арзанда ва инкишофи озодонаро муҳайё созем. Бинобар ин, пешниҳод менамоям, ки соли 2024 ба ифтихори ин санаи бисёр муҳими таърихӣ “Соли маърифати ҳуқуқӣ” эълон карда шавад”. Умед аст, ки бо ибтикори Пешвои миллат соли 2024, барои боз ҳам баланд бардоштани сатҳи фарҳангӣ конститутсионӣ ва маърифати ҳуқуқии ҷомеаи Тоҷикистон нақши назаррасе худро мегузорад.

# ТАРБИЯИ ВАТАНДӮСТӢ – АРЗИШИ АСОСИИ ҲАЁТ



Сайеҳат НАЗАРОВА
донишҷӯи соли 3

Ватандӯстӣ ва тарбияи ватандӯстӣ ҷанбаҳои асосии ташаккули ҳувияти миллӣ ва суботи иҷтимоию фарҳангии ҷомеа мебошад. Дар ҷаҳони муосир дарк кардан муҳим аст, ки ватандӯстӣ на танҳо муҳаббат ба Ватан ва эҳтиром ба фарҳангу анъанаҳои он, балки иштироки фаъолона дар ҳамаи самтҳои фаъолияти ҳаёти ҷомеа, ҳифзи манфиатҳо ва рушди он мебошад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мисли дигар кишварҳо ба тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон ҳамчун яке аз самтҳои афзалиятноки соҳаи маориф ва сиёсати давлатӣ таваҷҷуҳи хоса зоҳир карда мешавад.

Тарбияи ватандӯстӣ аслан ошноии шаҳрвандон бо таърихи кишвари худ, бедор кардани ҳисси ифтихор аз дастовардҳои он, ҳамчунин бедор кардани масъулият дар назди миллат ва наслҳои ояндаро дорад. Дар кишвари маҳбубамон Тоҷикистон ватандӯстӣ пеш аз ҳама омӯзиши фарҳанги миллӣ, забон, таърих, иштирок дар чорабиниҳои ватанпарастиву хештаншиносӣ, инчунин ташвиқи шаҳрвандии фаъол ва эҳтиром ба меъёрҳои ҳуқуқӣ ва арзишҳои иҷтимоиро дар бар мегирад. Дар ин замина, Қонун «Дар бораи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон» ва Конститутсияи кишвар заминаҳои муҳими ҳуқуқӣ буда, принсипҳо ва арзишҳоеро муайян мекунанд, ки симои шаҳрванд ва муносибати ӯ бо ҷомеа ва давлат бар асоси онҳо бунёд мешаванд. Идомаи такмили низоми тарбияи ватандӯстӣ вазифаи ҷудонашавандаи таъмини рушди устувори иҷтимоию фарҳангии ҷомеа ва ҳифзи ҳувияти миллӣ дар раванди ҷаҳонишавӣ мебошад. Дар суханрониҳо ва баромадҳояшон Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пайваста таъкид менамоянд, ки ватану миллатро самимона дӯст доштан лозим, ба ватан арҷ гузоштан баробари арҷгузор будан ба модар аст. Дар ин замина сиёсати давлату Ҳукумати мамлакат, сиёсати инсондӯстонаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои шаҳрвандони ватандӯсти тоҷик ва кулли халқиятҳое, ки дар сарзамини мо иқомат доранд асосӣ ва муҳим буда, мо шаҳрвандон барои амалӣ гардидани сиёсати ватандӯстонаи Роҳбарияти Олии кишвар ҳамаҷониба саҳмгузорӣ менамоем.

# ПРАВОВАЯ КУЛЬТУРА И ЕЕ РОЛЬ В ПРАВОВОМ ГОСУДАРСТВЕ

*Правовая культура является неотъемлемой частью правового государства. Она представляет собой систему ценностей, норм и поведенческих стандартов, которые определяют отношение граждан к закону, правосудию и соблюдению прав и свобод человека. Правовая культура влияет на формирование гражданского сознания и поведения людей, а также оказывает влияние на развитие демократического правового государства.*

Роль правовой культуры в правовом государстве нельзя недооценивать. Она является одним из основных факторов, которые обеспечивают соблюдение закона и правовую защиту граждан. С высокой правовой культурой государства становится возможным создание и эффективное функционирование законов, которые способствуют справедливости и равенству перед законом. Кроме того, правовая культура способствует укреплению государственной власти, а также стимулирует правопорядок и осуществление правосудия.

Правовая культура влияет на действие права и его реализацию на практике. Высокая правовая культура граждан стимулирует их к ответственному отношению к закону, соблюдению правил и обязанностей, а также к формированию гражданского долга. Она помогает снизить уровень правонарушений и преступности, так как граждане осознают свои права, обязанности и ответственность перед обществом. Правовая культура также способствует формированию сознательных граждан, которые готовы участвовать в правовой жизни государства и влиять на принятие законов и иных нормативных актов

Представляя собой систему принципов, ценностей и норм, в которых правовая культура определяет взаимодействие людей в обществе на основе нормативно правовых актов. У правовой культуры, есть свои функции, без которых она бы не смогла полноценно реализоваться.

Одной из основных функций правовой культуры является обеспечение справедливости и равенства перед законом. Она прививает чувство уважения к закону, признавая его важнейшим социальным институтом, обеспечивающим справедливость, порядок и защиту прав личности. При высокой правовой культуре граждане соблюдают законы добровольно, понимая их значение для поддержания гармоничного общества. Такое уважение к закону способствует социальной сплоченности, стабильности и предсказуемости, что в конечном итоге укрепляет правовое государство, также создает условия для развития гражданского общества, где каждый человек имеет возможность защитить свои права и интересы в судебном порядке.

В контексте формирования правового государства и гражданского общества посредством реализации принципов права осуществляются принципы их становления и функционирования. Процессу формирования правового государства присущи такие принципы:

а) конституционное закрепление специфики правового государства, демократических правовых и политических институтов;

б) демократизм формирования системы государственных органов;

в) точное законодательное разграничение компетенции государственных органов, законодательной, исполнительной, судебной, местной, надзорной власти;

г) формирование независимого суда;





Мадина ХАЛИМОВА
Студентка 3-го курса

д) придание прокуратуре такого статуса, который позволяет независимо и реально осуществлять надзор за точным соблюдением законов, защищающих права и законные интересы личности и государства;

е) создание такой системы образования и воспитания, которая в состоянии обеспечить подготовку и переподготовку необходимого количества юристов высокого профессионального уровня и нравственной надежности для удовлетворения потребностей правового государства и правового гражданского общества.

Реализация на основе принципов права принципов функционирования социального правового государства означает осуществление ряда других принципов:

- -источником законодательства является народ, его насущные интересы, его воля и правосознание;
- -безусловное подчинение Конституции и закону всех без исключения субъектов права;
- -презумпция невиновности;
- -неотвратимость юридической ответственности за совершенное правонарушение;
- -соответствие правовой санкции опасности правонарушения;
- -недопустимость юридической ответственности за взгляды, если они не нарушают общественный порядок, установленный правовым законом;
- -человек подвергается только таким ограничениям, какие установлены законом исключительно с целью обеспечения должного признания и уважения прав и свобод других и удовлетворения требований общечеловеческой нравственности общественного порядка и общего благосостояния демократического общества;
- -обжалование в суде любых неправомерных действий и т.д.

Однако правовая культура не ограничивается только соблюдением законов. Она также включает в себя уважение прав других людей, этику и моральные нормы. Устойчивая правовая культура способствует укреплению уверенности и доверия к правовой системе как среди граждан, так и среди учреждений. Когда люди верят в справедливость и беспристрастность правовой системы, они с большей вероятностью будут искать средства правовой защиты, участвовать в мирном разрешении споров и активно участвовать в отправлении правосудия. Доверие необходимо для эффективного функционирования правового государства, содействия легитимности и авторитету правовых институтов.

Роль правовой культуры в правовом государстве заключается в следующем:

1. Обеспечение соблюдения законов и правил поведения. Правовая культура формирует у граждан осознание необходимости соблюдения законов, а также понимание последствий нарушения правил.

2. Защита прав и свобод граждан. Правовая культура способствует уважению прав каждого человека и создает условия для защиты его интересов в судебном порядке.

3. Развитие гражданской ответственности. Правовая культура помогает формированию гражданской ответственности, осознанию своих обязанностей и активному участию в общественной жизни.

4. Укрепление правового государства. Правовая культура является основой для развития правового государства, где закон является высшей нормой и гарантирует справедливость и равенство перед законом.

5. Формирование правосознания и правового мышления. Правовая культура способствует развитию у граждан знаний о праве, пониманию своих прав и обязанностей, а также способности анализировать и применять правовые нормы в повседневной жизни.

В заключение, правовая культура играет важную роль в правовом государстве. Она способствует формированию сознательных и ответственных граждан, повышению уровня соблюдения закона и защите прав и свобод граждан. Правовая культура является необходимым условием для эффективной работы правовой системы и гарантирования справедливости в обществе. Развитие правовой культуры является важной задачей для каждого гражданина и общества в целом. Культивирование динамичной правовой культуры требует коллективных усилий юридических учреждений, педагогов, организаций гражданского общества и самих граждан. Воспитывая прочную правовую культуру, общество может создать основу для справедливости, равенства и верховенства закона, что в конечном итоге приведет к более процветающему и гармоничному правовому государству.

*Масъалаи ҳифзу ҳимоя ва пуштибонии иҷтимоии аҳолӣ, аз ҷумла маъюбон яке аз самтҳои афзалиятнок ва муҳимми сиёсати пешгирифтаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор рафта, таҳти сарварии муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мунтазам ҷиҳати дастгирии табақаҳои осебпазири аҳолӣ пайваста тадбирҳои судманд ва созанда андешида мешавад.*

# ПУШТИБОНӢ АЗ ҲУҚУҚИ ШАХСОНИ МАЪЮБ ДАР ПАЁМИ САРВАРИ ДАВЛАТ



Моҳира ИСМАТОВА
муаллими калони кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавӣ

Шахсони маъюб дар ҷумҳурии мо аз тамоми ҳуқуқу кафолатҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва сиёсию маданӣ, ки дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ инъикос ёфтаанд, бархурдор буда, табъиз нисбат ба онҳо манъ мебошад.

Сарвари давлат ҳамеша нисбат ба ин қишри ҷомеа ғамхории махсус зоҳир намуда, дар Паёми хеш ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон гуфта буданд: «Мо ба раванди солимгардонии маъюбон, дастгирии иҷтимоии табақаҳои осебпазири аҳолӣ, аз ҷумла кӯдакони ятиму бесаробонмонда, оилаҳои камбизоат ва дастрасии онҳо ба хизматрасонии тиббии иҷтимоӣ таваҷҷуҳи хос зоҳир намуда, дар ин самт ҳамаи тадбирҳои саривақтиро амалӣ менамоем».

Бояд гуфт, ки ҳамеша ба сатҳи пешрафти иқтисодиёт ва иҷтимоёти давлат аз рӯйи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, алалхусус пиронсолон, маъюбон ва кӯдакони ятиму бепарастор баҳо дода мешавад. Дар ҷумҳурии мо дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи кумакҳои унвонии иҷтимоӣ» ва қарорҳои дахлдор вобаста ба он ба оилаҳо ва шаҳрвандоне, ки тибқи арзёбии вазъи моддию маишӣ ва некӯаҳволии онҳо мақоми камбизоатӣ гирифтаанд, аз ҳисоби маблағҳои буҷетӣ кумакпулии унвонии иҷтимоӣ таъйин ва пардохт мешавад.

Ҳадафи асосии Ҳукумати мамлакат аз расонидани кумакҳои унвонии иҷтимоӣ ба қишри осебпазири ҷомеа, ин қабл аз ҳама, мусоидат намудан ба коҳиши вазъияти душвори зиндагӣ ва дастгирии шаҳрвандон (оилаҳо)-и камбизоат, ки даромади ҳадди аққалашон аз меъёри эҳтиёҷ пасттар мебошад, ҳамзамон муҳайё намудани шароите, ки ба ин қишри ҷомеа имконияти баланд бардоштани сатҳи зиндагиашонро фароҳам меорад, ба шумор меравад.

Ҳамзамон дар Паёми имсолаи Пешвои муаззами миллат қайд гардид, ки: «дар ҳафт соли охир аз ҳисоби буҷети давлатӣ барои дастгирии гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ тавассути пардохти нафақа, кумакпулӣ ва ҷубронпулиҳо, нигоҳдории муассисаҳои ҳифзи иҷтимоӣ ва ухдадориҳои дигар зиёда аз 21,9 миллиард сомонӣ, аз ҷумла танҳо дар соли 2023-юм 4 миллиард сомонӣ равона карда шуд. Дар ин давра танҳо ҷиҳати пардохти кумаки унвонии иҷтимоӣ барои оилаҳои камбизоат ва кӯдакони маъюб, инчунин, ҷубронпулии яквақта ба шаҳрвандони аз фалокатҳо зарардида 2 миллиарду 70 миллион сомонӣ равона карда шудааст... Барқарорсозии қобилияти меҳнатии шахсони маъюб ва таъминоти онҳо бо воситаҳои техникии тавонбахшӣ, тақвият бахшидани фаъолияти байнисоҳавии вазорату идораҳо дар самти ҳалли масъалаҳои ҳифзи иҷтимоӣ, бо дарназардошти беҳтар намудани иқтидори заминавию захиравии мақомоти маҳаллии ҳифзи иҷтимоӣ бозбинӣ намудани сохтори соҳа, ҳамчунин, андешидани ҷораҳои мушаххасро тақозо дорад».



*Терроризм — это применение насилия и запугивания для достижения политических, религиозных или идеологических целей. Радикализация молодежи означает процесс, при котором молодые люди вливаются в экстремистские идеологии, которые могут привести их к поддержке террористической деятельности или к ее участию.*



Хайриниссо АТОЕВА
студентка 3 курса

# ПОНИМАНИЕ И ПРОТИВОСТЬ ТЕРРОРИЗМА И ЭКСТРЕМИЗМА



Терроризм и экстремизм стали главными проблемами в современном мире, с далеко идущими последствиями для глобальной безопасности и социально-политической стабильности. Рост экстремистских идеологий и совершение террористических актов оказали значительное воздействие на различные общества во всем мире, создавая страх и отсутствие безопасности среди населения. Для эффективного решения этих сложных задач важно понимать лежащие в основе факторов и динамику терроризма и экстремизма.

Связь между экстремизмом и терроризмом сложна и многогранна. Хотя не все экстремисты занимаются террористической деятельностью, радикализация отдельных лиц или групп может привести к совершению насильственных действий. Процесс радикализации предполагает постепенное принятие и интернализацию экстремистских идеологий, часто приводит к готовности применять насилие для достижения своих целей. Решение проблемы радикализации и недопущение втягивания людей в экстремистские круги является важнейшим аспектом борьбы с терроризмом.

Борьба с терроризмом и экстремизмом требует комплексного подхода, учитывающего коренные причины и двигатели радикализации. Социально-экономические различия, политические обиды и конфликты на основе самобытности могут создать благодатную почву для распространения экстремистских идеологий. Поэтому усилия по решению этих фундаментальных проблем, содействию социальной интеграции и усилению устойчивости сообщества имеют важное значение для предотвращения радикализации людей.

Кроме того, международное сотрудничество и координация имеют решающее значение в борьбе с терроризмом и экстремизмом. Учитывая транснациональный характер экстремистской сети.

Терроризм и радикализация молодежи могут принимать разные формы, включая взрывы смертников, массовые расстрелы, кибератаки и распространение пропаганды.

Последствия терроризма и радикализации молодежи разрушительны. Они могут привести к гибели людей, физическим и эмоциональным травмам, разрушению инфраструктуры и экономической нестабильности. Они также порождают страх и раскол в общинах и могут привести к усилению дискриминации и предрассудков.

# МАЪРИФАТИ ҲУҚУҚӢ - ЗАМИНАИ БОЭЪТИМОДИ РУШДИ ДАВЛАТИ ҲУҚУҚБУНЁД



Гулафзо ПИРОВА
ассистенти кафедраи назария ва таърихи давлат

*Баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон яке аз вазифаҳои муҳимтарин ва нахустдараҷаи кишварҳое маҳсуб меёбад, ки роҳи бунёди давлати демократӣ ва ҳуқуқбунёдро пеш гирифтаанд. Дар нахустин моддаи Конститутсияи амалкунанда хусусиятҳои соҳибихтиёрӣ, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягонагии Ҷумҳурии Тоҷикистон дарҷ гардидааст. Арзишҳои номбурда собит месозанд, ки давлат дар пояи қонун ва ҳуқуқ бунёд ёфта, рушди давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ ба сатҳи дониш ва маърифати ҳуқуқии аҳолӣ вобастагии зиёд дорад.*

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон шурӯъ аз солҳои 90-ум масоили баланд бардоштани сатҳи дониш ва маърифати ҳуқуқии шаҳрвандони мамлакатро хеле муҳим ва мубрам арзёбӣ намуданд. Дар ин замина Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 9-уми апрели соли 1997 «Дар бораи сиёсати ҳуқуқӣ ва таъмини тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба имзо расид. Фармони мазкур бо мақсади таъмини волоияти қонун, баланд бардоштани сатҳи маърифати ҳуқуқии аҳолӣ ва пешгирии қонунвайронкуниҳо қабул карда шуд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон барои баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии табақаҳои мухталифи ҷомеа тамоми чораҳои заруриро амалӣ намуда, дар ин самт як силсила санадҳои меъёрии ҳуқуқиро қабул намудааст.

Ҷиҳати баланд бардоштани маърифати ҳуқуқӣ зарур дониста шудааст, ки ин ҳам бошад пешгирии ҳуқуқвайронкуниҳо, баланд бардоштани самаранокии фаъолияти мақомоти давлатӣ дар самти тарғибу ташвиқи ҳуқуқӣ, таъмини



мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ, бахусус мақомоти ҳифзи ҳуқуқ бо маводи иттилоотӣ - ҳуқуқӣ, ба таври васеъ ба аҳолӣ дастрас намудани санадҳои меъёрии ҳуқуқии қабулгардида, такмил додани механизми коркарди муроҷиати шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ҳамчун унсури муҳимми баланд бардоштани таълим ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандон дар асоси ворид кардани дастовардҳои нави илму технология, пурзӯр кардани назорати ҷамъиятӣ, баланд бардоштани фарҳанги ҳуқуқии роҳбарони ташкилотҳо новобаста аз шакли моликият, кормандони мақомоти давлатӣ, баланд бардоштани таълим ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандон, аз ҷумла, кӯдакону наврасон, ҷавонону донишҷӯён, хизматчиёни давлатӣ ва шахсони ба онҳо баробаркардашуда, истифодаи самараноки воситаҳои ахбори омма ва ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти давлатӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар раванди таълим ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандон ва ғайра мебошанд.

Ҳамин тариқ, зикр бояд кард, ки тарбияи ҳуқуқӣ барои ҷомеаи демократӣ ва таъмини волоияти ҳуқуқу тартибот нақши калидиро сазовор мебошад.

# СОЛИ МАЪРИФАТИ ҲУҚУҚӢ



Файзалӣ АЗИЗЗОДА
донишҷӯи соли 4

*Баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии аҳолӣ ва тавсияи донишҳои ҳуқуқӣ, ки аз ҷумла масъалаҳои муҳими ҳаёти имрӯза ба шумор меравад, дар Паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ ва дигар суханрониҳояшон аз масъалаҳои меҳварӣ ба шумор меравад.*

Дар Паёми Пешвои миллат ба Маҷлиси Олии кишвар қайд гардид, ки "Вазъи мураккабу ташвишовари минтақа ва ҷаҳон, аз ҷумла торафт шиддат гирифтани раванди аз нав тақсимкунии дунё, ярокнокшавии бошитоб, ва хатару таҳдидҳои замони муосир ҳар як шаҳрванди мамлакатро водор месозад, ки маърифати ҳуқуқии худро боло бурда тафаккури сиёсии хешро баланд гардонад".

Қобили зикр аст, ки дар ҳама давру замон асоси пешрафти ҷомеаҳои мутамаддин, ин риояи қонуну қоидаҳо ба ҳисоб меравад. Рушди бонизоми ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии ҳар як давлату миллатро бе мавҷудияти тартиботи ҷомеа ва низоми мукаммали қонунгузории мамлакат тасаввур кардан ғайриимкон мебошад.

Дар замони Истиқлолият, ташаккули давлати ҳуқуқбунёд ба ҳайси ҳадафи муҳимтарини дигаргуниҳои куллии пайгирона дар Тоҷикистон идома ёфта, раванди амалигардонии ин ҳадаф дар ҷомеаи муосири тоҷикон ба густариши низоми сиёсӣ-ҳуқуқии он дар матнҳои бунёдии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба шакли муайян даровардаву таҳким бахшида шуда, ба пешрафти маърифати ҳуқуқии ҷавонон таъсир гузошт.

Ҳамин тариқ, Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон санади муҳими стратегию таҳлилие мебошад, ки дар он иродаи халқ, ҳифзи манфиатҳои халқу мамлакат бо низоми муайяни таҳлилию мантиқӣ доир ба вазъ ва дурнамои сиёсати дохилию хориҷии давлат пешниҳод мешавад.

Вақте, ки сухан дар бораи Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олӣ меравад, бояд дарк намоем, ки Паём - ин муайянкунандаи самтҳои асосии сиёсати дохиливу хориҷии ҷумҳурӣ буда, соҳибистиқлол будани давлатро собит месозад.

Агар Истиқлолият муқаддастарину азизтарин дастовард, неъмати бебаҳо, рукни асосии давлати озод, рамзи шарафу номуси ватандорӣ, кафолати хонаободию саодатмандӣ, суботу осоиштагӣ ва неруи таконбахши ҳаёти ҳаррӯзаи мо бошад, пас Паёми Президенти ҷумҳурӣ низ яке аз муҳимтарин рамзҳои давлати соҳибистиқлоли мо мебошад.

Имрӯз Тоҷикистон дар роҳи эъмори давлати ҳуқуқбунёду демократии рушдёбанда бо қадамҳои устувор пеш меравад, ки заминаи он сулҳу оромӣ, Ваҳдати миллӣ ва ҳамдигарфаҳмии халқи азизамон мебошад.

Ҳамин тариқ, риояи талаботи меъёри қонунҳои амалкунандаи кишвар ва дар чаҳорчӯбаи қонун зиндагӣ намудан ба пешрафти ҳар як шахси комилҳуқуқи кишвари азизамон мусоидат менамояд.

Зеро риоя намудани талаботи қонунгузории мамлакат ба маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон ва заминаи боло бурдани маърифати онҳо мусоидат хоҳад кард.

# МАЪРИФАТИ ҲУҚУҚИИ АҲОЛӢ ОМИЛИ МУҲИМИ ПЕШРАВИИ ҶОМЕА

*Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат , Эмомалӣ Раҳмон зимни ироаи Паёми худ ба МО Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» аз санаи 28.12.соли 2023 вобаста ба он, ки соли 2024 ба қабули Конститусияи Ҷумҳурии Тоҷикистон 30 сол пур мешавад чунин иброз доштанд,ки «Қабули Конститусияи Ҷумҳурии Тоҷикистони соҳибистиқлол, ки заминаи эъмори давлати мустаъқили миллӣ ва пешравии тамоми ҷанбаҳои ҳаёти мардуми кишварро фароҳам овардааст , яке аз дастовардҳои муҳимтарини мо мебошад. Амалӣ намудани меъёрҳои Конститутсия ба мо имкон дод, ки пояҳои устувори ҷомеъа ва давлатро созмон диҳем, сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ ва ваҳдати миллиро таҳким бахшем, рушди устувори иқтисодии кишварро таъмин намоем , барои ҳар як шаҳрванди мамлакат шароити зиндагии арзанда ва инкишофи озодонаро муҳайё созем».*

Бо назардошти муҳимияти санаи таърихии 30 солагии қабули Конститусияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ифтихори ин санаи бузург ва муҳими таърихӣ роҳбари давлат пешниҳод намуданд, ки соли 2024 «Соли маърифати ҳуқуқӣ» эълон карда мешавад. Ин пешниҳоди роҳбари давлат, пешниҳоди саривақтӣ ва зарурист ва он имконият медиҳад, донишу маърифати ҳуқуқии аҳолӣ боло бурда шавад.

Бояд гуфт, ки роҳбари давлат ба масъалаи таълиму тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандон пайваста диққати ҷиддӣ медиҳанд.Дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии кишвар аз санаи 21.12.соли 2021 низ ба масъалаи баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии аҳолӣ дахл намуда, пурзӯр намудани баландбардории маърифати ҳуқуқиро тақозо намуда буд.

Бахри баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон дар замони соҳибистиқлолии кишвар як қатор санадҳои ҳуқуқӣ дар ин давра қабул гаштаанд. Масалан, дар ин хусус Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сиёсати ҳуқуқӣ ва таъмини тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз санаи 9-уми апрели соли 1997 зери № 691 ва Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз санаи 22.08 соли 1997 зери № 383 «Дар бораи баъзе чораҳои беҳтар намудани тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандон ва кори ҳуқуқӣ дар ҷумҳурӣ» сари масъалаи баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии аҳолии кишвар қабул гашта, дар ин асос санади муҳими ҳуқуқӣ оиди баланд бардоштани маърифати ҳуқуқи шаҳрвандон-“Барномаи таълим ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон” барои солҳои 2009-2019 бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз санаи 29-уми апрели соли 2019 таҳти 253 тасдиқ ва он амалӣ гашт.Баъди иҷрои муваффақонаи ин барнома , санади навбати дар ин самт - “Барномаи таълим ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2030”, бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз санаи 27-уми ноябри соли 2019 таҳти №599 тасдиқ гашт. Айни замон дар доираи ин барнома аз тарафи тамоми бахшҳои марбутаи давлатию ғайридавлатӣ, корхонаҳою муассисаҳо сарфи назар аз намуди моликияташон дар роҳи амалӣ гаштани ин барномаи муҳими ҳуқуқии барои ҷомеъа зарурӣ корҳои лозимаро анҷом дода истодаанд.

Ҷамбаст ва таҳлил нишон доданд , ки кормандони прокуратураи вилояти Хатлон дар давраи ҷамъбастии соли 2023 соли ҷорӣ бахри о баланд бардоштани фарҳанги ҳуқуқии шаҳрвандон ва дигар масъалаҳо вобаста ба фаъолият дар тарбияи ҳуқуқии аҳолӣ, дастуру супоришҳои роҳбари давлат ва Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба роҳбарӣ гирифта , нақша ва чорабиниҳои дахлдор тартиб дода , иҷрои амалии онҳоро таъмин намудаанд.

Дар соли ҷамъбастии 2023 аз тарафи кормандони дастгоҳи марказии прокуратураи вилояти Хатлон ва прокуратураҳои шаҳру ноҳияҳои вилоят дар байни аҳолӣ бахри ташвиқу тарғиби қонунгузории ҷорӣ зиёда аз 4278 маротиба бо лексия ва сӯҳбатҳо баромад намуда, тавассути воситаҳои ахбори умум 886 маротиба оид ба натиҷаҳои санҷишҳои прокурорӣ ва тафтиши парвандаҳои ҷиноятии аҳамияти зиёди ҷамъиятӣ дошта баромад кардаанд.

Аз ҷумла, дар матбуот 328 маротиба , ба воситаи радио 262 маротиба ва тавассути телевизион 296 маротиба баромадҳо анҷом дода шудаанд. Кормандони прокуратураи вилоят дар ин давра вобаста ба Паёми Пешвои миллат, Президенти мамлакат ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон , барномаҳои ҳуқуқӣ, тарбияи ҳуқуқӣ ва дигар масъалаҳо баромаду вохӯриҳои зиёдеро анҷом додаанд. Прокуратураи вилоят дар ин самти фаъолият пеш аз ҳама ҳамкориро бо воситаҳои ахбори умум дуруст ба роҳ монда, масъалаҳои муҳими аҳамияти умумидавлатӣ доштаро, ки ба вазъи қонуният вобастагӣ доранд, ба воситаи садою симо ва ба воситаи матбуот ба самъи аҳолӣ расонидааст. Кормандони прокуратура ҳангоми баромадҳо бахри фаҳмондадиҳии қонунҳо ба чунин қонунгузориҳо ва мавзуҳои зерин махсусан аҳамият додаанд: «Дар бораи Паёми Президенти мамлакат ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи ҳуқуқу ӯҳдадориҳои шахсони воқеъӣ ва ҳуқуқӣ», «Дар бораи мубориза зидди ҷинояткорӣ», «Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия», «Дар бораи мубориза бар зидди муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъаовар, моддахои психотропӣ ва прекурсорҳо», «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо дар ҶТ», «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд», «Дар бораи ҳифзи муҳити зист», «Дар бораи иҷрои қонунгузории андоз», «Дар бораи хусусигардонии моликияти давлатӣ», «Дар бораи ҳифзи саломатии аҳолӣ», «Оиди ҷиноятҳои одамфурӯшӣ ва одамрабоӣ», «Дар бораи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва пардохти саривақтии нафақа», «Пешгирии ҷинояткорӣ дар байни ноболиғон», «Дар бораи ҷиноятҳо ба муқобили ҳаёт, шаъну шараф ва саломатии инсон», «Дар бораи ҳуқуқҳои конститутсионии шаҳрвандон», «Дар бораи таъмини ҳуқуқи маҳкумон ва маҳбусон» , «Дар бораи қонунгузориҳои замин», «Дар бораи сисёсати созандагӣ ва обдкории роҳбарияти давлат», «Баланд бардоштани рӯҳияи ватанпарварии аҳолӣ», «Такмили зеҳнияти мардум дар роҳи созандагӣ ва ваҳдати миллӣ», «Дар бораи озодии виҷдон», «Дар бораи мубориза бар зиддӣ терроризм ва ифротгароӣ», «Дар бораи моҳияти Коститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» , оиди сарфакорона истифода бурдани нерӯи барқ ғайраҳо.



**Варқа ЗАЙНИДДИНОВ**
**ёвари калони прокурори вилояти Хатлон, мушовири адлияи дараҷаи 1**

Прокуратураи вилоят махсусан бо рӯзномаю нашрияҳои ««Минбари халқ», «Тоҷикистон», «Азия-плюс», «Хатлон», «Новый Хатлон», «Дӯстлик», «Халқ овози», «Фараж» , « Дунё», «Тахти Қубод», маҷаллаҳои «Сафо», «Меҳровар», «Мактаб» , радио ва телевизиони вилоят шабакаҳои аввали телевизиони Тоҷикистон, ТВС ва ТВ-и «Ҷаҳоннамо» ва барномаи «Инсон ва Қонун» -и ТВ-и Хатлон, ТВ шаҳри Бохтар , барномаи «Қонун ва Ҷомеъа»-и Радиои вилоят, ТВ Кӯлоб, ТВ «Мавчи Восеъ», Шабакаи аввали Радиои Тоҷикистон, Радиои «Садои Душанбе», матбуоти даврии шаҳру ноҳияҳо ва ғайраҳо ҳамкориро босамар ба роҳ мондааст.Масалан, тавассути барномаи «Инсон ва Қонун»-и ТВ-и Хатлон ва барномаи «Қонун ва Ҷомеъа»-и радиои вилоятӣ рӯзи чоршанбе, панҷшанбе ва ҷумъа кормандони дастгоҳи марказии прокуратураи вилоят ва прокуратураҳои шаҳру ноҳияҳо оиди фаъолияти мақомоти прокуратура дар роҳи пешгирии ҷинояткорӣ ва таҳкими қонуният баромад намуда, аҳолиро оиди кори прокуратура ва таъмини волоияти қонун аз тарафи мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқ шинос менамоянд. Дар ин давра, ҳар моҳ ахборотҳо тибқи супориши доимиамалкунандаи Прокуратураи генералии кишвар барои ҷой додан дар сомонаи Прокуратураи генралии Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба ахборотҳои ҳуқуқӣ ирсол карда шудаанд.

Ҳамчунин дар давраи ҷамъбасти соли 2023 аз тарафи прокуратураи вилоят фаъолияти Шӯроҳои мутобиқсозию методӣ оид ба таълим ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандони назди раисони шаҳру ноҳияҳои Хуросон, Ёвон, Балҷувон, Ховалинг, Норак, Темурмалик, Шамсиддини Шоҳин ва Кӯшониён ва аъзоёни шӯроҳои мазкур (мудирони шуъбаҳои маориф, фаъолияти сардухтурони беморхонаҳои ноҳиявӣ, КАТС, комиссариатҳои ҳарбӣ, бахшҳои кор бо ҷавону варзиш ва занону оила, фарҳанг, нозироти андоз), инчунин ҷамоатҳои шаҳраку деҳот ва дигар ташкилоту муассисаҳо санҷида баромада шуда, ба Шӯроҳои мазкур ва аъзоёни онҳо пеш аз ҳама ёрии амалӣ расонида шуда, вобаста ба ошкор гаштани қонунвайронкуниҳои ҷойдошта , бахри бартараф намудани камбудиҳои ҷойдошта ба унвонии шахсони дахлдор 8 пешниҳод (азҷумла унвонии раисони ноҳияҳои зикршуда, ҳамчун раисони Шӯроҳои мутобиқсозию методоиди тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандон 4 пешниҳод ) ирсол карда шудааст.Дар ин росто бахри бартараф намудани қонуншиканиҳои ҷойдошта дар самти тарбияи ҳуқуқии аҳолӣ дар фаъолияти ташкилоту муассисаҳои шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон 1 пешниҳод унвонии Вазири адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ирсол карда шудааст.

Метавон гуфт, ки нуктаҳои Паёми роҳбари давлат (аз соли 2021) оиди баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии аҳолӣ аз тарафи кормандони прокуратураи вилояти Хатлон муваффақона ба иҷро расонида шуда истодаанд.Дар ин асос вобаста ба «Соли маърифати ҳуқуқӣ» эълон гаштани соли 2024 вобаста ба санаи фархундаи 30 солагии қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, кормандони прокуратураи вилояти Хатлон бо масъулияти том дар роҳи тарбияи ҳуқуқи аҳолӣ ва маърифатнок намудани шаҳрвандон дар самти баланд бардоштани савияи донишҳои ҳуқуқӣ чораҳои лозимаро хоҳанд андешид.

## ТАЪЗИЯНОМА

Садорат, устодону кормандони факултети ҳуқуқшиносӣ ва идораи рӯзномаи «Минбари ҳуқуқшинос» ба дотсенти кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокрурорӣ Раҳимзода Муъмин Сайфулло бинобар вафоти **МОДАРАШ** изҳори тасаллият менамоянд.

****

Садорат, устодону кормандони факултети ҳуқуқшиносӣ ва идораи рӯзномаи «Минбари ҳуқуқшинос» ба ассистенти кафедраи ҳуқуқи конститутсионӣ Солеҳзода Гулнора бинобар вафоти **МОДАРАШ** изҳори тасаллият менамоянд.

****

Садорат, устодону кормандони факултети ҳуқуқшиносӣ ва идораи рӯзномаи «Минбари ҳуқуқшинос» ба лаборанти кафедраи ҳуқуқи байналмилаӣ Одинаева Зарина бинобар вафоти **ПАДАРАШ** изҳори тасаллият менамоянд.

# АРТИШИ МИЛЛӢ - ҲАМҚАДАМИ ЗАМОНИ ИСТИҚЛОЛ



**Меҳрубон КАБИРОВ**
**донишҷӯи соли 2**

«Ҳифзи Ватан, ҳимояи манфиатҳои давлат, таҳкими истиқлолият ва иқтидори мудофиавии он вазифаи муқаддаси ҳар шаҳрванд аст».

Конститутсияи Тоҷикистон

Ин вазифаҳои муҳимро мо вакте сарбаландона ичро карда метавонем, ки ба моҳияти истиқлол, арзишҳои давлати демокративу ҳуқуқбунёд сарфаҳм равем ва ба таҳаввулоти мафкуравии гиромидошти ин меъёрҳо, ки омили аслии мавҷудияти ҷомеаи мутамаддин ва ободии рӯзгори ҳар фард аст, муваффақ гардем. Дар ин замина шарти муҳимтар он аст, ки эҳсоси соҳибватан буданро дар худ парвариш диҳем ва дар ақлу идроки худ расидан ба қадри неъмати бебаҳои ватандориро мароми зиндагии хеш созем.

Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ин бора гуфтаанд: «Ватандорӣ бахти бузург аст, вале ба қадри истиқлолияти миллӣ ва давлати соҳибихтиёр расида тавонистан аз он ҳам болотар. Зеро соҳибватан будан тақдири фарзандон, тақдири миллат, забон ва иқтисоду фарҳанги хешро дар даст доштан на ба ҳар халқу миллат ба осонӣ муяссар мегардад».

Хизмат ба Ватан, аслан, хизмат кардан ба падару модар, барои некӯаҳволии фарзандон ва ободии рӯзгори худи инсон аст.

Бунёд ва таҳкими Қувваҳои Мусаллаҳ ва дигар сохтору воҳидҳои ҳарбӣ ва мудофиа дар таърихи навини давлатдории тоҷикон саҳифаи дурахшоне мебошад. Президенти мамлакат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун кафили амнияти истиқлоли мамлакат ва Сарфармондеҳи Олии Қувваҳои Мусаллаҳ бо такя ба меъёрҳои Конститутсия ва қонунҳои марбута муҳофизати Ватан ва дифоъ аз манфиатҳои мамлакатро вазифаи асосии давлат ва кори тамоми халқ муайян намуда, тамоми масъалаҳои вобаста ба таҳкиму такмили Артиши миллӣ, фаъолияти он, омодагии доимии ҷангии кӯшунҳо ва ҳаёти ҳарбиро дар маркази диққати худ қарор дода, барои боз ҳам беҳтар кардани шароити хизмат ва аҳволи моддию маишии хизматчиёни ҳарбӣ пайваста ғамхорӣ менамояд.

Пешвои миллат дар даврони мураккаби муқовиматҳои ҳамватанӣ ва шароити душвори иқтисодӣ бо такя ба иродаи мағлубнопазири фарзандони бошарафи Тоҷикистон нерӯҳои мусаллаҳ — муҳофизи аслии истиқлолият ва якпорчагии Ватани маҳбубамонро бунёд гузоштааст. Сарфармондеҳи Олии нерӯҳои мусаллаҳи мамлакат дар яке аз суханрониҳояш чунин гуфта буд: «Мо ба шарофати истиқлолият соҳиби Артиши миллӣ шудем. Шукронаи онро мекунем, ки Қувваҳои Мусаллаҳи худро бунёд карда тавонистем. Вале ин ҳанӯз кам аст. Дар назди нерӯҳои низомии мо корҳои бисёре истодаанд. Мо мехоҳем, ки низомиёни мо чун падару бобоёни худ бо халқ ҳамдилу ҳамнафас бошанд, аз ҷониби шаҳрвандон чун ҳимоятгари Ватан пазируфта шаванд. Аз ин рӯ, ҳар як афсару сарбозро лозим аст, ки беҳтарин анъанаҳои ҳарбиро ривоҷ диҳанд, аз интизоми намунавӣ, матонат ва садоқати ба халқу Ватан доштаи насли гузашта сабақ гиранд».

Ҳамаи мо дар назди халқу Ватан вазифадор ҳастем, ки сулҳи пойдор ва якпорчагии Тоҷикистони азизро чун гавҳараки чашм ҳифзу нигаҳбонӣ кунем, халқи мамлакатро бовар кунонем, ки бо хизмати намунавӣ ва бо меҳнати созанда қудрати иқтисодӣ ва нерӯи мудофиавии давлатамонро афзун менамоем. Бо дилу ҷон ба Ватан хизмат карда, доимо бар он кӯшем, ки мамлакатамон чавлонгоҳи меҳнату зиндагии осоишта ва хуррамбоғи фароғату роҳати пирон ба дунёи равшану босафои кӯдакон бошад. Чунки мо медонем: «Хизмат кардан ба Ватан вазифаи муқаддас ва шарафи бузург аст!».



# ҚУВВАҲОИ МУСАЛЛАҲ - СИЛОҲИ ДАВЛАТ



**Озаршоҳ ХАМИДОВ**
**донишҷӯи соли 1**

Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таърихи навини давлатдории тоҷикон саҳифаи тозаро ифтитоҳ бахшида, ба рушду пешрафти соҳаҳои гуногун заминаи мусоид фароҳам овард. Мардуми сарбаланди тоҷик баъд аз ҳазор соли бедавлативу тобеият шаҳди истиқлол ва озодиро чашида, ҳамчун ангуштони як даст ва фарзандони як модар аз як гиребон сар бароварда, ҷиҳати расидан ба дастовардҳои арзанда талош намуд. Давоми солҳои истиқлолият дар тамоми самтҳои ҳаёти давлат дигаргуниву навгониҳои муфиде рӯйи кор омаданд, ки ба баланд шудани нуфузи Тоҷикистон ва таъмини тараққиёти соҳаҳои гуногуни ҷумҳурӣ шароити арзанда фароҳам овардаанд. Қувваҳои мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз шохсутунҳои бузурги давлат ва дастоварди замони истиқлол аст.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Қувваҳои мусаллаҳро яке аз рукнҳои вокеан бунёдӣ ва муҳимтарини давлат унвон намуда, таъкид доштаанд, ки ҳайати шахсии Қувваҳои мусаллаҳ дар ҳимояи истиқлолу озодии Ватан ва дастовардҳои таърихии он сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ ва ваҳдати миллӣ, бунёди давлати демократӣ ва ҳуқуқбунёду дунявии Тоҷикистон, ҳифзи марзу буми сарзамини аҷдодӣ, таъмини амнияти давлат ва осоиши ҷомеа саҳми басо арзишманд доранд. Вокеан Қувваҳои мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар роҳи ҳифзи истиқлолу амният ва озодии мамлакат рисолати сипари боэътимодро бо сарбаландӣ иҷро намуда, новобаста аз он ки бо иқтидору нерӯи камтарин таъсис ёфта буд, имрӯз аз лиҳози техникаву ҳайати шахсӣ ва қудрату имконият торафт ғанӣ мегардад, ки аз таваҷҷуҳи пайваста ва тадбирҳои судманди мақомоти олии мамлакат маншаъ мегирад. Мусаллам аст, ки пешрафти тамоми соҳаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ дар навбати аввал аз суботи сиёсиву ҷамъиятӣ, сатҳи тартиботи ҳуқуқӣ, таъмини волоияти қонун, пешгирӣ кардани ҷиноятқорӣ, муборизаи беамон бар зидди ҷиноятқорон ва ҳифзи боэътимоди марзу буми Ватан вобаста мебошад. Сутуданист, ки имрӯз Қувваҳои мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон ин масъулиятро дар сатҳи баланд иҷро мекунанд. Имрӯз мардуми шарифи Тоҷикистони соҳибихтиёр дар симои хизматчиёни ҳарбии Қувваҳои Мусаллаҳи мамлакат фарзандони бонангу номус ва шуҷову далери худро мебинанд, ки ба савганди ҳарбӣ ва халқу Ватани худ ҳамеша вафодор ҳастанд. Қувваҳои мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон мактаби шуҷоат, мардонагӣ ва ҷасорат аст, ки ҷавононро дар руҳияи ватандӯстӣ, садоқат ба Ватан, худшиносӣ ва ҳифзи арзишҳои миллӣ тарбия мекунад.

Дар моддаи 43 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳифзи Ватан, ҳимояи манфиати давлат, таҳкими Истиқлолият, амният ва иқтидори мудофиавии он вазифаи муқаддаси ҳар як шаҳрванд унвон шудааст.

Тавре Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қайд намудаанд: «Хизмат ба Ватан аслан хизмат кардан ба падару модар ва бародарону хоҳарони машғули меҳнати осоишта аст. Зеро Ватан ва миллат ду рукни муқаддасест, ки бидуни онҳо ҳеҷ фард сари баланду ифтихори инсонӣ дошта наметавонад»

Имрӯзҳо Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун мактаби бузурги мардонагӣ, матонату шуҷоат ва кафолати зиндагии орому осудаи халқ, таҳти роҳбарии Сарфармондеҳи Олии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба сохтори муташаккилу муҷаҳҳаз табдил ёфтааст, ки дар ҳифзи Ватан, ҳимояи манфиати давлат, таҳкими истиқлолият, амният ва иқтидори мудофиавии он нақши бузургу созанда дорад.

Мо донишҷӯёнро мебоист баъд аз хатми мактабҳои олӣ бо сари баланд ба сафи Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон дохил шуда ба халқу ватанӣ хеш содиқона хизмат карда ватанмодарро ҳамчун гавҳараки чашм нигоҳ дорем.